**Ф. АЗИЗӢ, С. ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**А. АЛИЕВ, С. САТТОРОВ**

# СУРУД ВА МУСИҚӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми**
**муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**тасдиқ кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2022**

**ТДУ (УДК) 78(075)+371.671+373**
**ТКБ (ББК) 85.31Я72+74.266.7**
**А-37**

**А-37.** Азизӣ Ф., Худойбердиев С., Алиев А., Сатторов С. **Суруд ва мусиқӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 5. – Душанбе, Маориф, 2022, – 112 саҳ.

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст. Аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

## ҶАДВАЛИ ИСТИФОДАИ КИТОБ

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | аввали сол | охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**ISB978-99985-68-98-3**
**© МАОРИФ, 2022**
**Моликияти давлат**

# I. СУРУД – ТАҶАССУМИ МИЛЛАТ ВА ФАРҲАНГ

## ДАРСИ 1

## СУРУДИ МИЛЛӢ – САДОИ ДИЛИ МАРДУМИ ТОҶИК

*Кадом рамзҳои давлатиро медонед?*

*Суруди миллӣ ҳамчун рамзи давлатӣ дар куҷо ва кай садо медиҳад?*

*Оё медонед, ки дар арсаи байналмилалӣ суруди миллиро бо кадом истилоҳ ном мебаранд ва он чӣ маъно дорад?*

*Ба матни зер шинос шавед. Ба андешаи шумо кадом манзараҳоро дар вақти садо додани суруди миллӣ метавонем тасаввур кунем.*

Жанри «суруди миллӣ» дар мусиқӣ моҳиятан ба «суруди тантанавӣ» ё «мадҳия» наздик аст. Мазмунан, он ба васфи Ватан бахшида мешавад. Вале он талаботи мушаххаси дигарро низ дорад. Суруди миллӣ ҳамеша бояд оммафаҳм бошад ва аз тарафи мардум хуб қабул гардад. Аз ин рӯ, шеъру оҳанги он хеле ифоданок ва мазмунан волост. Ҳар давлат суруди миллии худро дорад. Имрӯз барои ифодаи жанри «суруди миллӣ», дар арсаи байналмилалӣ калимаи «гимн» бештар истифода мешавад. Маъної ин калимаи лотинӣ – «суруди тантанавӣ» аст. Таърихи пайдоиши ин жанри мусиқӣ аз давраҳои қадим манша мегирад.

Мардуми фарҳангдӯсти тоҷик аз қадимулайём ба суруди миллии худ муносибати муқаддас дошт. Тоҷикон ҳамчун мардуми қадими ориёӣ, Ватан, фарҳанг, ақлу хирадро ҳамеша мепарастиданд. Дақиқан ҳамин сифатҳои миллати тоҷик дар суруди миллӣ инъикос мегардиданд. Бо мурури замон сурудҳои миллӣ иваз шуда, вобаста ба давру замон аз сари нав эҷод мегардиданд.

Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар шеъри шоири маъруфи тоҷик Гулназар ва оҳанги композитор Сулаймон Юдаков инъикос ёфтааст.

## МЕСАРОЕМ
## СУРУДИ МИЛЛӢ

Оҳанги Сулаймон Юдаков
Шеъри Гулназар

*Allegretto*






Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод.
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод,
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо,
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ.
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо.
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,
Зи ту саодати абад насиби мост.
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост.

Зинда бош эй Ватан!
Тоҷикистони озоди ман.

Сурудимиллиро хурду калони мардуми тоҷик аз ёд медонад. Суруди миллӣ ифтихормандии миллӣ, маҳбубияту самимият нисбат ба Ватани азизамонро инъикос мекунад ва бо муроҷиат ба Ватан, бо суханҳои «Диёри арҷманди мо» оғоз мегардад, ки ин тасодуфӣ нест. Зеро ки суруди миллӣ дар васфи кишвари азиз, Тоҷикистон, суруда мешавад.



Агар дар шеър ифодаи мустақими ин ифтихормандиро тавассути суханҳои мушаххас гуфта тавонем, дар тафовут бо он, дар мусиқӣ ин тавр нест. Табиати абстрактии мусиқӣ инро имконнопазир мегардонад. Дар ин маврид композитор аз он оҳангҳову интонатсияҳое истифода меба-

рад, ки барои ифодаи сифатҳои муайян дар мусиқӣ маъмуланд. Чунин қолабоҳангҳо на ба таври дастурӣ, балки ба таври стихиявиву эҳсосотӣ дар байни мардум густариш ёфтаанд.

Пас, биёед, якҷоя порчаи суруди миллиро месароем.

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Табиати абстрактии мусиқӣ** – *мусиқӣ падидаест, ки ҷисм надорад, аммо мо онро шунида, шодиву сурур, ғаму андӯҳ ва эҳсосоти дигарро дарк мекунем*

**Стихиявӣ** – *номуташаккилона.*

## ДАРСИ 2

## СУРУДИ МИЛЛӢ – САДОИ ДИЛИ МАРДУМИ ТОҶИК

Оҳанги суруди миллии Тоҷикистон ибораоҳангҳои ҷасуриву қаҳрамониро дар бар мегирад. Биёед, онро якҷоя таҳлил кунем.

Оҳанги суруди миллӣ аз суханҳои «Диёри арҷманди мо» бо фосилаи квартаи болораванда оғоз мешавад. Бо ин фосила, одатан, аксарияти сурудҳои миллӣ ва васфӣ (гимнҳо) шурӯъ меёбанд. Дар мусиқӣ тавассути интонатсияи квартаи болораванда мазмуни ҷасурӣ таҷассум мегардад. Такрори дукаратаи он дар ибтидои суруди миллии тоҷикон, ин эҳсосоти ҷасуриро хеле устувор мегардонад:




Беш аз ин, оҳанг аз ибтидо ба сӯйи боло ба фосилаи кварта ҷаҳиш карда, дар давоми ду-се мисраи минбаъда поён намефарояд. Чунин ҷойгир шудани оҳанг таҷассуми ҷасорату далериро меафзояд.

Дар охири мисраи панҷум оҳанг мустақиман лаҳни афзоиш касб намуда, пардаи болотарини оҳанг кашида мешавад, ки ин қатъият ва иродаи қавиро нишон медиҳад. Ин ба нуқтаи авҷи суруд рост меояд:




Нақароти суруд аз ҳамон пардаи баландтарини оҳанг оғоз гардида, тадриҷан, аз боло ба поён мефарояд. Ва дар ибораи охирини он ба пардаи аввали суруд бармегардад.Нақарот дар як занҷираки секвенсия сохта шудааст. Истифодаи секвенсия дар мусиқӣ, таҳаммулпазириву хирадмандии мардуми тоҷикро инъикос менамояд:




Дар умум, суруд аз чаҳор банди оҳангӣ иборат буда, дар он банди аввали оҳанг – шиор, бандҳои мобайнӣ ифодакунандаи иродаи қавии мардуми Тоҷикистон, хирадмандӣ ва ифтихормандии тоҷиконро таҷассум намудаанд. Банди охирини (нақарот)-и оҳанг аз ибтидо то охир шакли давраро ба вуҷуд меоварад. Давра дар мусиқӣ мазмуни падидаи доимоамалкундаро дорад. Аз ин лиҳоз, чунин сохтори оҳанг таҷассуми абадан зиндаву ҷовид будани миллати тоҷикро мефаҳмонад.

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

Суруди миллӣ чист?

Суруди миллиро кай ва дар куҷо месароянд?

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Секвенсия** – *(аз лотинӣ «пайдарҳамӣ») яке аз унсурҳои бандубасти композитсионии мусиқӣ.*

# II. МУСИҚӢ ВА АДАБИЁТ

## ДАРСИ 3

### АЛОҚАИ МУСИҚӢ БО АДАБИЁТ

Дар ҳаёти рӯзмарраи хеш мо ба асарҳои мусиқие вомехӯрем, ки то андозаи муайян бо адабиёт робита доранд.

Баъзе жанрҳои мусиқӣ, ба монанди қисса, достон, опера, балет, оперетта, мюзикл дар асоси ягон асари адабӣ (афсона, достон, повест, роман ва ҳоказо) пайдо шудаанд.

Дар мавриди жанрҳои мусиқии ашӯла, суруд, романс, рубоӣ, мақом, фалак ва амсоли инҳо жанри адабии шеър истифода мешавад.

**Биёед андеша кунем.** *Бо мусиқӣ чӣ рӯй медод, агар адабиёт намебуд? Вазъи мусиқӣ чӣ мешуд, агар адабиёт вуҷуд намедошт? Мусиқӣ чиро аз даст медод, агар назм ва насри адабӣ намебуд?*

Барои посух ба ин саволҳо мебояд андеша кард, ки асоси асарҳои мусиқӣ ва бадеиро чӣ ташкил медиҳад, чӣ шоирону нависандагону композиторонро водор месозад, ки асар офаранд. Мавзуву сюжетҳои ин ду навъи санъат як сарчашма доранд ва он *ҳаёти воқеист,* ки моро иҳота мекунад. Бинобар ин, дар мусиқӣ ва адабиёт умумият ҷо дорад. Гарчанде дар ҳар яки онҳо ин умумият бо хусусияти гуногун инъикос мешавад ва ба мо – хонандагон ва шунавандагон, таъсири гуногун мебахшад.

Адабиёт ва мусиқиро чӣ ба якдигар мепайвандад? Меҳвари ягона ҳам адабиёт ва ҳам мусиқӣ – *оҳанги гӯиш* аст. Баёни интонатсионии гуногун – баёни меҳрубонона, латиф, ғамгин, ором, пурҳаяҷон, мутантан, пурғазабро мо ҳам дар нутқи шифоҳиву бадеӣ мешунавему ва ҳам дар нутқи мусиқӣ.

Ба воситаи ифодаи нутқи мусиқӣ мо мусиқии халқиро аз мусиқии касбӣ, мусиқии як халқро аз мусиқии халқи дигар, мусиқии қадимро аз мусиқии муосир фарқ мекунем. Табиати интонатсионии мусиқӣ ба мо имкон медиҳад, ки мо мусиқии ҳар як композиторро ҳис ва дарк намоем.

*Ин чӣ гуна ба мо даст медиҳад?*

*Аз рӯйи кадом равияҳо метавон алоқамандии мусиқӣ ва адабиётро мушоҳида намуд?*

Назм, асоси асарҳои овозӣ (вокалӣ)-ро ташкил медиҳад. Дар ҳамбастагии шеъру мусиқӣ жанрҳои гуногуни мусиқӣ – суруд, романс, рубоӣ, ғазал, ашӯла ва ғайра пайдо мешаванд.

Оҳангҳои сурудҳои халқӣ, оҳангҳои созиву рақсии халқӣ ва монанди ин – ҳама он чизе, ки композитор дар ҳаёт мешунавад, ба ӯ илҳом мебахшад ва ӯ дар асоси ин оҳангҳои содаву одӣ асарҳои калонҳаҷм, аз ҷумла опера, симфония, балет, сюита ва ғайра меофарад. Бинобар ин, дар ин жанрҳои мусиқӣ оҳангҳои халқӣ такмил меёбанд.

Асоси суруду оҳангҳои бадеӣ-барномавиро бештар асарҳои созӣ ташкил медиҳанд. Дар вақти офаридани мусиқӣ композиторон ба мазмуни сарчашмаи бадеӣ такя мекунанд.

Дар асарҳои зиёди бадеӣ сухан дар бораи *мусиқии гӯё* меравад. Дар афсонаву қиссаҳо гоҳе мусиқӣ яке аз нақшҳои асосиро мебозад. Дар афсонаҳои халқӣ дар бораи қувваи бузург – эъҷози мусиқӣ нақл карда мешавад.

Масалан, агар нақли Борбадро дар бораи марги Шабдиз ба ёд биоварем, дар он муъҷизаи бузурги мусиқиро метавонем бубинем, ки ба туфайли он Борбад тавонистааст ҳам худ ва ҳам аспбонро аз марг наҷот диҳад.

Образҳои фаромӯшнашавандаи асарҳои мусиқӣ, ҳаёт ва фаъолияти композиторон, навозандагону сарояндагони машҳур ба нависандагону шоирон илҳом мебахшанду барои офаридани асарҳои нав мусоидат мекунанд, аз сафҳаҳои асари адабӣ мусиқӣ «садо»-и мусиқӣ ба гӯш мерасад.

Мусиқӣ ва адабиётро ҳамжанрӣ низ бо якдигар мепайвандад. Асарҳои адабӣ тарона номида мешаванду асарҳои мусиқӣ – рубоӣ, ғазал, достон, қисса, афсона.

Баъзе мисраъҳои шеърӣ аз мусиқианд. Хондани онҳо дар шунидани садои мусиқӣ ба шумо кумак мекунад.

Шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме...»-ро бурро бихонед. Онро бо мусиқии барои худ шинос иҷро намоед.

*Бӯй ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме*

*Реги Омуву дуруштий роҳи ӯ*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*

*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*

*Ай Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Мир наздат шодмон ояд ҳаме.*

*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*
*Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.*

*Мир сарв асту Бухоро бӯстон*
*Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме,*

*Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,*
*Гар ба ганҷ-андар зиён ояд ҳаме.*

Ба шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме…» композиторони зиёд, аз ҷумла Шарофиддин Сайфиддинов, Андрей Бобоев, Давлатманд Холов мусиқӣ эҷод кардаанд: дар Шашмақом ба он «Талқини Баёт»-ро мехонанд.

Фарқи онҳо дар чист? Оҳангҳои ин шеърро замзама бикунед.

Ҳар банди шеърро як-як бо оҳангаш бихонед ва бигӯед, ки композитор чӣ гуна мазмуни шеърро равшантар гардонидааст?

Якчанд асарҳои бадеӣ ва мусиқиро ба хотир биёред, ки дар жанри суруд, ғазал ва достон эҷод шуда бошанд.

## ДАРСИ 4

## ТОҶИКИСТОН, АЗ ТУ БЕҲТАР НЕСТ МАКОНЕ!

Ватани азизам, Тоҷикистони маҳбубам! Бо чунин суханҳои хеле дилчасп шоирону нависандагон васфи Ватан мекунанд. Суруду мусиқӣ дӯст доштану ҳифз кардани табиати кишвар, васфи фарҳанги ҳазорсолаи онро талаб мекунад.

*Дар ин расм мусиқии кишварро чӣ гуна мебинед?*

*Ҳамчун шоир/нависанда бо кадом калимаҳо онро ифода кардан мумкин аст?*

*Бо кадом суруду оҳанг ё асарҳои композиторони тоҷик ин расмро ҳаммаъно шуморидан мумкин аст?*



Жанри маъмултарини мардуми тоҷик суруд мебошад. Дар суруд алоқамандӣ ва тафовути нутқи шеърӣ ва нутқи мусиқӣ хеле равшан мушоҳида мешавад.

Шеъри Искандар Ҳайдаршоев «Зебо Душанбе!» ба васфи пойтахти Ватани азизамон бахшида шудааст. Бо оҳанги композитор Хайрулло Абдуллоев он ба суруди дилнишине табдил ёфтааст. Бо шунидани ин суруд кас манзараҳои зебои Душанберо дар зеҳн тасаввур карда, ҳаловат мебарад.

Шеъри «Зебо Душанбе!»-ро аз ёд бикунед.

## МЕСАРОЕМ

## ЗЕБО ДУШАНБЕ!

оҳанги Хайрулло Абдуллоев
шеъри Искандар Ҳайдаршоев

*Moderato*






*Дарвозаи Шарқ, овозаи Шарқ.*
*Зебо Душанбе, эй қалби кишвар!*
*Эй меҳри кишвар, барно Душанбе!*
*Зебо Душанбе, барно Душанбе!*

*Гӯям дурудат, хонам сурудат,*
*Эй, гулбоди ман, чашм аз ту пурнур,*
*Қалб аз ту масрур, Душанбеи ман!*
*Зебо Душанбе, барно Душанбе!*

*Дил дар хурӯш аст, доим ба ҷӯш аст,*
*Ҳам дар сурогат, хубу дилоро,*
*Сарсабзу зебо, ҳар кӯчабогат.*
*Зебо Душанбе, барно Душанбе!*

*Оҳангҳои ба шумо маълумро бо шеър сароед. Фарқи нутқи шеърӣ ва нутқи мусиқӣ дар чист?*

Аз интернет ё сабтҳо сурудҳоеро дар бораи кишвари худ пайдо ва гӯш бикунед. Мушоҳида кунед, ки чӣ гуна оҳанг, зарбу вазн, рангорангии лаҳнӣ, услуби аккомпанемент, шакл, мазмун ва асоси эмотсионалиро ифода мекунад.

Тибқи супориши «мусиқӣ шав, эй сухан!» рубоиеро ба оҳанг даровар-да, онро бисароед.

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Аккомпанемент** (аз фаронсавӣ – «ҳамроҳӣ кардан») – *ба сароянда ё навозандаи якка ё ба хор ҳамроҳӣ кардани сози якка ё ансамбл ва ё оркестр.*

**Хор** (аз юнонӣ – «тӯда») – *гурӯҳи сарояндагон (1), ҳамсароӣ (2).*

## ДАРСҲОИ 5 - 6

## ТОҶИКИСТОНРО БО СУРУД ВАСФ МЕКУНЕМ!

Агар ба ибораҳои рубоиёти халқӣ «Сабзаҷон, сабзае…», «Кӯҳу дара…», «Ало хам зада кокул…» нигарем, пас дарк мекунем, ки дар суруд ҳар як унсури табиати кишвар, фарҳанги асил васф мешавад ва бе суруд зиндагии тоҷиконро тасаввур кардан мушкил аст.

Бо суруди алла модар кӯдакро навозиш мекунад ва мехобонад. Зери таронаҳои халқӣ ойини гаҳворабандон мегузарад. Сурудҳои бачагона, ҳисоббозиҳо, суруд-бозиҳо бачаи хурдсолро дар ҳама ҷо – дар хона, дар вақти бозӣ, дар мактабу таҳсил фаро мегиранд. Бача, ки калон шуд, ба ӯ сурудҳои нав, сурудҳои шаҳрвандиву, ватанпарастӣ, сурудҳои дӯстонаву бародарӣ кумак мерасонанд.

Жанри суруди халқӣ хусусиятҳои худро дорад: тобишҳои оҳанг, зарб, рангорангии лаҳнӣ, шакл, услуби сарояндагӣ. Аз рӯйи ин хусусиятҳо кас метавонад суруди алларо аз суруди ватанпарастӣ, суруди рақсиро аз суруди лирикӣ фарқ кунад.

*Аз интернет (ё манбаи дигар) якчанд суруди тоҷикиро ёфта, хусусиятҳои онро муайян ва муаррифӣ кунед.*

*Ягон суруди рақсиро сароида, зери он бо ҳамсинфонатон бирақсед.*

*Барои шумо, ки инсони ибтидои асри XXI ҳастед, кадом хусусияти сурудҳои халқӣ наздик аст?*



*Бозор Собир*



*Саидқул Билолов*

Суруд – қалби халқ аст. Дар он характери халқ, нутқ, зеҳни шеърфаҳмӣ, лаёқати табиӣ-мусиқавии халқ, зарбҳои рақсӣ, саховатмандиву

меҳрубонӣ, зебоии табиати диёри ӯ акс меёбад. Суруд – ҳифзкунандаи таърих, расму ойину маросими ҳамон халқ аст.

## МЕСАРОЕМ

## ТОҶИКИСТОН

Оҳанги Саидқул Билолов
Шеъри Бозор Собир

*Moderato*






*Тоҷикистон, Тоҷикистон,*
*Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту.*
*Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам,*
*Пои худро раҳ ба раҳ афшонда рафтам бар заминат.*
*Аз замини камзаминат,*
*Гарди хоке кам накардам.*

**Нақарот:**

*Тоҷикистон, Тоҷикистон,*
*Мекунам шукри каму бисёри ту,*
*Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту.*
*Аз ту ман сарват намехоҳам,*
*Ватан ҳастӣ бас аст,*
*Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.*

*Ҳар куҷое санг дидам,*
*Даст бурдам бар сараш чун, бар сари фарзанди хеш.*
*Бо навозиш гуфтам ӯро аз Бадахшон кандаанд,*
*Тифли ширхори маро аз банди пистон кандаанд.*

**Нақарот:**

*Тоҷикистон, Тоҷикистон,*
*Мекунам шукри каму бисёри ту,*
*Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту.*
*Аз ту ман сарват намехоҳам,*
*Ватан ҳастӣ бас аст,*
*Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.*


*Бахтовар Давлатов*

Барои кас чӣ муҳимтар аст – ақл ё дил? Ба ин савол ҷавоб додан хеле мушкил аст. Аз ин рӯ, мушкил аст бигӯем, ки дар суруд чӣ бештар муҳим аст – сухан ё оҳанг. Танҳо дар ҳамбастагии сухану оҳанг, ҳаракати рақсиву навозиши сози мусиқӣ суруд ба вуҷуд меояд.

Суруди «Ватани дил»-и композитори ҷавон Бахтовар Давлатов дар жанри суруд эҷод шудааст. Шеъри онро Раҳмат Назрӣ эҷод кардааст.

# МЕСАРОЕМ

## МЕҲАНИ ДИЛ

Оҳанги Бахтовар Давлатов
Шеъри Раҳмат Назрӣ

*Allegretto*






*Эй Тоҷикистони дилам,*
*Уммеду армони дилам,*
*Эй зодгоҳи офтоб,*
*Гардуни гардони дилам.*

*Эй сарзамини меҳри ман,*
*Дар синаам дил мезанӣ.*
*Дар чашм оби чашмаат*
*Гирам ба сони рӯшанӣ.*

*Эй лолазори озарин,*
*Дар домани боди вазон,*
*Аз набзи сабзи хоки ту*
*Ҷӯям баҳори бехазон.*

*Дорад ба сангистони ту*
*Андешаи сангин замон.*
*Ҳангом дар ҳангом бош,*
*Ҳангомаи рангинкамон.*

*Болотар аз ҳафт осмон,*
*Эй меҳани волои ман!*
*Ҷуз ту дар ин дунёи дун*
*Набвад ягон колои ман.*

*Як кӯҳ ануҳи туро*
*Охир ба Роҳи Каҳкашон*
*Аз кӯҳсорат мебарам*
*Сӯйи ҷаҳони бенишон!...*

*Кадом ансамблу сарояндагони ватаниро медонед?*

*Дар мисоли ягон суруди халқӣ, услуби фолклори мусиқиро муайян бикунед. Дар ин бора 3-4 ҷумла бинависед.*

*Дар дафтари худ номи сурудҳоеро, ки худ медонед ва ҳамчунин падару модаратон медонанд, нависед. Ҳамагӣ чандто мешавад?*

*Суханҳои ходими намоёни фарҳанги рус Д. Лихачев: «Ҳифз намудани хотираи гузаштагон – маънои дар бораи худ хотираи нек мондан аст»-ро чӣ гуна мефаҳмед? Шарҳ диҳед.*

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

Аз луғат, энсиклопедия, интернет, ривояту ҳикояҳои калонсолон дар бораи либоси миллӣ, мусиқӣ, ҷашну оинҳои маҳалли худ маълумот ёбед ва бинависед.

Дар хона бо ҳамроҳии бибиву бобоятон суруди халқиеро бисароед. Онро дар назди ҳамсинфонатон такроран бисароед ва ба онҳо ёд бидиҳед. Ҳамрангӣ ва фарқи ин сурудро аз сурудҳое, ки дар синф хонда будед, фаҳмонед.

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Жанрҳои сурудҳои халқӣ иборатанд аз:** *алла; рубоӣ; тарона, таронаи наврӯзӣ; суруди меҳнатӣ; суруди тӯёна; суруди рақсӣ; суруд-гиря; бадеҳа, суруд-бозӣ.*

## ДАРСИ 7

## МУСАВВАРАҲОИ ГӮЯНДАВУ САРОЯНДА

Тасвир – расмест, ки онро рассом мекашад. Дар кашидани расм аз рангҳои равғанӣ, обрангӣ (акварел), пастел ва мозаика истифода мешавад.

Гарчанде тасвирро мо бо чашм мебинем, лекин он мусиқӣ низ дорад. Ба тасвирҳои «Хоруғ»-и рассоми Халқии Тоҷикистон – Хушбахт Хушвахтов ва «Қаратоғ»-и рассом Пайрав Гулов бодиққат назар бикунед.

*Онҳо дар бораи чӣ «ҳикоят» мекунанд? Онҳо чиро тасвир мекунанд?*
*Зери кадом мусиқӣ тамошои ин мусаввараҳо кардан ба шумо писанд аст?*
*Ин ҷойҳо ба шумо шиносанд ё на?*
*Дар санъати тасвирӣ ин жанрро чӣ меноманд?*

*Бигӯед, ки дар вақти тамошои он шумо чиро «мешунавед»? Ҳаво чӣ гуна аст? Дар пеши тасвир чӣ ҷойгир шудаасту дар қафои он чӣ ҳаст? Кадом вақти шабонарӯз асту кадом фасли сол? Манзара ба шумо чиҳоро нишон дода истодааст? Ба фикри шумо модару писарак ба куҷо рафта истодаанд? Ин деҳа аст ё шаҳр? Рассом кадом минтақаи Тоҷикистонро тасвир кардааст?*



**Хоруғ. Х. Хушвақтов**



**Қаратоғ. Г. Пайрав**

Ин тасвирро «нақл кунед»:

*Кадом созҳои мусиқиро истифода мебаред? Кадом сурудро месароед? Он дар бораи чӣ аст? Кадом наворо менавозед? Бо як соз ё якчанд соз? Сози зарбиро ис-*

*тифода мебаред ё дигар созро? Тибқи унвони тасвир он ба кадом созҳои мусиқӣ наздиктар аст?*

*Дар ин тасвир кадом рангҳоро мебинед? Номбар кунед.*

*Композитсияҳои онҳоро бо услуби полифонии мусиқӣ, ки дар он ҳамҷоя якчанд овоз садо медиҳад, қиёс бикунед.*

*Бо кадом навъи мусиқии халқӣ, рақси мардумӣ, оҳангҳои суннатӣ ин мусавваранҳоро шунидед?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Полифония** (аз юнонӣ – «бисёровоза») – *баёни мусиқавии якчандовоза бо дороии ду ё се хати оҳангии мустақил.*

**Ансамбл** (аз фаронсавӣ – «якҷоя», «бисёр») – *иҷрои якҷояи асари мусиқӣ ё асари мусиқӣ барои иҷрои гурӯҳи на чандон калони навозандагон ё сарояндагон.*

Шеъри Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ «Омад баҳори хуррам»-ро бихонед ва бигӯед, ки онро пейзаж гуфтан мумкин аст?

*Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,*
*Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.*

*Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,*
*Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз пайи машиб.*

*Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,*
*Лашкар-ш абри тираву боди сабо нақиб.*

*Наффот барқи равшану тундар-ш таблзан,*
*Дидам ҳазор ҳайлу надидам чунин маҳиб.*

*Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор*
*В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи қаиб.*

*Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ*
*Чунон ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.*

*Аз ин матн тобиши сухан, суръат, набзу ҳаракатеро биёбед, ки ҳолати қалби инсонеро, ки табиатро бо муҳаббат нигоҳ мекунад, ифода намояд.*

*Агар шумо композитор мебудед, барои ин шеър чӣ гуна мусиқӣ эҷод мекардед? Онро бо тарзи худ иҷро кунед.*

# III. ФОЛКЛОР ДАР МУСИҚИИ КОМПОЗИТОРОНИ ТОҶИК

## ДАРСИ 8

### МУСИҚӢ ВА АФСОНА

Композиторони ватанӣ дар эҷодиёти худ ҳамеша ба фолклор рӯ овардаанд.

Шариф Бобокалонов бо Сергей Баласанян яке аз нахустин операҳои тоҷикро соли 1941 бар достони «Коваи оҳангар» навиштаанд.



*Шариф Бобокалонов (1910-1999)*



*Сергей Баласанян (1902-1982)*

Сарчашмаи асосии либреттои опера достонест аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ. Сюжети операи «Коваи оҳангар»-ро достон-афсона гӯем, хато намекунем. Дар ин афсона Заҳҳок – шоҳи золиму хунхор образи одами бераҳму золимеро ифода менамояд, ки танҳо ғами худро мехӯрад.

*Заҳҳок шоҳе буд, ки аз ду тарафи гардани у морҳо пайдо шуда буданд. Ва ин морон одамхӯр буданд. Бинобар ин, Заҳҳок шоҳи ҷоҳилу бераҳм, ҳар рӯз аз ҳисоби ҷавонони кишвараш ин моронро сер мекунонд, то морон худашро нахӯранд. Ҳамин тавр, Заҳҳок ҷони худро аз морон халос мекард. Халқ бошад, гирёну тарсон, фарзандони худро ҳифз карда наметавонист. Ба муқобили шоҳи золим оҳангари ҷасур Кова бармехезад. Ва ӯ Заҳҳокро мекушад.*

Композиторон қабл аз он ки дар асоси сюжети бадеӣ опера эҷод ку-

нанд, ба *либретто* эҳтиёҷ доранд. Либретторо низ одатан, шоиру нависанда менависад. Барои операи «Коваи оҳангар» либретторо Абулқосим Лоҳутӣ (1887-1957), шоири барҷастаи тоҷик навиштааст. Дар опера халқ бо хори «Теғи бурранда, тоҷи рахшанда» Коваи ҷасурро васф мекунад.

Порча аз хори «Теғи бурранда, тоҷи рахшанда» аз операи «Коваи оҳангар»-и Ш. Бобокалонов, С. Баласанян:




*Агар шумо композитор мебудед, барои ин сюжет кадом мусиқиро меофаридед? Қаҳрамонии Коваро бо чӣ гуна зарбу оҳанг ифода мекардед? Садои кадом созҳоро истифода мебурдед?*

*Кадом услуби оҳангдор – контраст (бар зидди якдигар), такрор, вариант (дар асоси пешина пайдо шудани оҳанги нав) – ба шумо дар офаридани асар кумак мерасонд? Барои офаридани образи «Коваи оҳангар» аз кадом услубҳо истифода мекардед?*

*Порчаеро аз операи «Коваи оҳангар»-и С. Баласанян ва Ш. Бобокалонов бишнавед ва бигӯед, ки дар мусиқии онҳо кадом услуби оҳангдор (дар боло номбаршуда) истифода шудааст?*

*Кадом образ аз ин сюжет дар хотири шумо боқӣ мондааст? Барои чӣ?*

*Сюжети асар чӣ гуна анҷом меёбад? Барои чӣ муаллифон ғалабаи як оҳангари одиро бар зидди шоҳ раво дидаанд?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Опера** (аз италиявӣ – «амал», «таълиф») – *асари калонҳаҷми мусиқӣ-саҳнавӣ.*

**Либретто** (аз италиявӣ – «китобча») – *мазмуни мухтасари асари калонҳаҷми мусиқӣ (опера, балет, оперетта) бо нишондоди қисмҳои таркибӣ (саҳнаву намоишҳо).*

## ДАРСИ 9

## ҲАЗОРУ ЯК ШАБ БО АФСОНА

Ба сарчашмаҳо рӯ оварда, композиторон асарҳои созӣ меофаранд. Чунин асарҳоро мусиқии барномавӣ меноманд. Одатан, чунин асарро бо номи ҳамон асари бадеӣ меноманд.

Масалан, композитори рус Н. Римский-Корсаков аз рӯйи афсонаи «Ҳазору як шаб» асаре офаридааст бо номи «Шаҳрзода». Ин асар дар жанри сюитаи симфонӣ офарида шуда, аз чор қисм иборат аст:

– қисми 1. Бахр ва киштии Синдбод;
– қисми 2. Ҳикояи аҷоиби шоҳзода Қаландар;
– қисми 3. Шоҳзода ва подшоҳзан;
– қисми 4. Ид дар Бағдод.

Композитор ба партитураи худ барномаи зеринро гузоштааст:

*Подшоҳ Шаҳрёр қасам хӯрда буд, ки занҳоро як-як мекушад, чунки ба андешаи ӯ зан ба подшоҳ содиқ нест. Вале Шаҳрзода ҳаёти худро бо он наҷот медиҳад, ки ҳар шаб дар муддати ҳазору як шаб, афсонаҳову ривоятҳои шавқовар, шеърҳову сурудҳоро ба якдигар дарун ба дарун, ба мисли занҷирак пайваста, ба подшоҳ нақл мекунад ва диққати подшоҳро ба он ҷалб мекунад. Подшоҳ ба завқ омада, ҳар дафъа давоми нақлро фаҳмиданӣ мешавад. Бинобар ин, Шаҳрзодаро то охири нақл намекушад.*

Васфи доноиву зебоии шоҳдухтарони оқил дар фолклори халқҳои ҷаҳон омадааст. Дар мусиқии халқии тоҷик низ суруде ҳаст бо номи «Шоҳдухтар».

   

## МЕСАРОЕМ

## ШОҲДУХТАР

шеър ва оҳанги халқӣ, такмили Фаттоҳ Одинаев




Ин байт аз фолклори тоҷик оварда шудааст. Он дар жанри мусиқии бадеҳа навишта шуда, онро ду нафар иҷро мекунад.

**Писар:**
– Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
– Абрукат ба ман бинму шавум бар ту ғулом!

**Духтар:**
– Абрукам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
– Дар бозор усма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.

**Писар:**
– Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
– Чашмакат ба ман бинму шавум бар ту ғулом!

**Духтар:**
– Чашмакам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
– Дар бозор сурма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.

**Писар:**
– Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
– Рӯякат ба ман бинму шавум бар ту ғулом!

**Духтар:**
– Рӯякам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон!
– Дар бозор кулча надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон.

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

Суруди «Шоҳдухтар»-ро аз ёд кунед ва дунафарӣ сароед.
Барои персонажҳои афсонаи дилхоҳатон оҳангҳо эҷод бикунед.

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Мусиқии барномавӣ** – *композиторон аз сарчашмаҳои адабӣ асарҳои созӣ меофаранд, ки онро мусиқии барномавӣ меноманд.*

**Партитура** – *сабти нотавии асари мусиқии бисёровоза барои иҷрои оркестр мебошад.*

**Оркестр** – *гурӯҳи калони навозандагони созҳои гуногун зери роҳбарии дирижёр.*

**Дирижёр** (аз фаронсавӣ – «роҳбарӣ кардан») – *роҳбар, масъули азхуд кардан ва дуруст навохтани асари мусиқии оркестрӣ (хорӣ).*

# IV. ЖАНРҲОИ МУСИҚИИ СОЗӢ ВА ОВОЗӢ

## ДАРСИ 10

### ОҲАНГИ ДИЛНИШИН ҲАМ ҒАМБАРОРУ ҲАМ ШОДИАФЗОСТ

*Агар шеърро аз суруд бардорем, дар он чӣ мемонад?*

Дар он оҳанг боқӣ мемонад – *суруди бе матн.*

**Вокализ** – жанри мусиқӣ барои овоз бо ҳамроҳи сози мусиқӣ мебошад. Маънои дигари калимаи вокализ – машқест, ки овозхон дар он ба ҷойи шеър ягон ҳарфи садонокро истифода бурда, ҳамарӯза тавассути он малакаи талаффузи бурроги сарояндагии худро сайқал медиҳад. Дар шуъбаҳои Шашмақоми тоҷик низ бандҳои оҳангие вуҷуд дорад, ки онҳоро бо ҳиҷоҳо ё садонокҳо месароянд ва чунин бандҳоро дар амалияи мусиқӣ «ово» меноманд.

## ОВО АЗ САРАХБОРИ СЕГОҲ





Онҳо бандҳои поёнравандаи хеле зебоянд, ки тобишҳои хоси оҳангии ҳар як мақомро нишон медиҳанд.

Жанри дигари мусиқӣ, ки саршор аз оҳангҳои зебо аст, «суруди бе матн» ном дорад.

Суруди бе матн – жанри мусиқии созист, ки характери лирикӣ дорад. Чунин асарҳои созӣ, одатан, номҳои дигарро низ доранд: *оҳанг, ария, романс, серенада*. Ин унвонҳо аз жанрҳои сурудӣ гирифта шудаанд. Гуногунии эҳсосот, хушсадоӣ ва зебоии беназири оҳангҳои дилнишине, ки дар онҳо ифода мегардад, ба шунаванда имкон медиҳад, ки ин мусиқии созиро ҳамчун нутқи серҳассосу бурро, баёни таманнову гӯё, иқрору тавбаи қалби инсон қабул кунад.

Композитори олмонии асри XIX Феликс Менделсон силсилаи фортепианоӣ зери унвони «*Сурудҳои бе матн*»-ро эҷод кардааст. Яке аз ин асарҳо «*Суруди гондолйерҳои венетсианӣ*» ном дорад[1] . Ин асар дар жанри баркарола (италиявӣ – «*суруди рӯйи об*») навишта шудааст.

Дар жанри баркарола композиторон асарҳо офаридаанд. Композитори машҳури рус П. Чайковский дар силсилаи «*Фаслҳои сол*» – «Июн» ном асари худро дар жанри *баркарола* навиштааст.

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

Аз интернет сабти асари П. Чайковский «Июн» (аз силсилаи «Фаслҳои сол») ва асари Ф. Менделсон «Суруди гондолйерҳои венетсианӣ»-ро ёбед.

Оворо аз Шашмақом бисароед (нигаред ба мисоли нотавии боло).

Қисмҳои овозии Шашмақомро шунавед ва аз дохили онҳо бандҳои оворо ёбед.

Ба андешаи шумо агар ин асарҳо бо шеър эҷод мешуданд, оё онҳо фаҳмотар мегардиданд?

Ҷумлаи «Забони мусиқӣ ба тарҷума ҳоҷат надорад, он ба ҳама фаҳмост»-ро чӣ гуна мефаҳмед? Шарҳи худро нависед ва муаррифӣ намоед.

[1] Зери унвони «гондолйер» қаикрон дар назар аст.

## ДАРСИ 11

# ОҲАНГИ ДИЛНИШИН

Асарҳои зиёди бадеӣ ва шеърҳо тавассути мусиқии эҷод кардаи композиторон мафҳуми нав ба худ гирифтаанд. Шеърҳои лирикӣ, одатан, ба романс табдил меёбанд.

Романс – асари ҳаҷман на он қадар калони камеравӣ-овозист. Дар сароиши романс аз сози якка истифода мешавад. Дар романс ҳиссиёти одам ва муносибати ӯ ба ҳаёт, табиат ифода мегардад.

Ба композитор дар ифода кардани эҳсосот тасвири манзараҳои табиат ва ё дигар унсурҳои ифодаи мусиқӣ кумак мекунанд. Оҳанг, зарб, тобиши лаҳнӣ, сохти композитсионӣ, услуби аккомпанемент образи мусиқиро дар баёни инфиродии муаллиф ташаккул медиҳанд.

Суруду романсҳои сершумор, асарҳои созӣ (сурудҳои бе матн, баркарола, серенада, ноктюрн ва ҳоказо) мусаввараҳои мусиқии лирикианд. Дар онҳо композиторон ҳиссиёт, андешаҳои шахсӣ ва таассуроти худро ифода мекунанд.

Романсҳои композиторони тоҷик Фазлиддин Шаҳобов «Интизорӣ» (шеъри А. Шукӯҳӣ) ва Амон Ҳамдамов «Лутф фармоӣ» (шеъри А. Баҳорӣ) хеле дилчаспу дилнишинанд. Онҳо намунаҳои олии романси тоҷик мебошанд.



*Фазлиддин Шаҳобов (1911-1974)*



*Амон Ҳамдамов (1918-2003)*

Агар жанри сурудии романс – зодаи мусиқии анъанавии аврупоӣ бошад, ғазали лирикӣ – аз маънавиёти тоҷикон об меҳӯрад. Композиторони

тоҷик тавонистаанд дар заминаи романси аврупоӣ мусиқии тоҷикӣ эҷод кунанд. Натиҷаи эҷодиёти онҳост, ки имрӯз мо романси тоҷикӣ дорем. Хусусияти асосии романс он аст, ки дар он тобишҳои оҳанг, мазмуни шеър бо ҳиссиёти зиёд хеле пурэҳсос инъикос меёбанд. Бештари шеърҳои романс ба як ҳолати рӯҳии инсон бахшида шудаанд. Биёед, шеърҳои ин ду романси номбаршударо бихонем.

Шеъри Абдумалик Баҳорӣ «Лутф фармоӣ»-ро бодиққат бихонед:

*Чӣ мешуд, лутф фармоӣ, қадам монӣ ба даргоҳам,*
*Диламро шод бинмоӣ, шавӣ аз ҳолам огоҳ ҳам*

*Дар ин даврони некӯям, ки обод аст ҳар сӯям,*
*Мудом ишқи ту меҷӯям фақат васли ту мехоҳам.*

*Аз он рӯзе, ки истодам, ба рӯят дида бикшодам,*
*Ба рӯят дида бинҳодам*
*Гулистон мешавад кӯям, шукуфон мешавад сӯям….*

Шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ «Интизорӣ»-ро бодиққат бихонед:

*Гули садбарги сурхеро харида,*
*Ба вақти ваъдагӣ сӯят давида,*
*Туро аммо дар он ҷо ман надида,*
*Нишастам, оҳи вазнине кашида.*
*Дилам хун шуд зи раҳпоӣ, азизам,*
*Чаро, охир, намеоӣ, азизам?*

*Ба уммеди ту, ҷоно, бекамукост,*
*Ҳазорон бор рафтам бар чапу рост,*
*Аз он ҷо рафтан асло дил намехост,*
*Намо бовар, ки мегӯям гапи рост.*
*Дилам хун шуд зи раҳпоӣ, азизам,*
*Чаро охир намеоӣ, азизам?*

*Ҳаво торик шуд, маҳ ҳам баромад,*
*Ба рӯйи сабзаҳо шабнам фаромад,*
*Бигуфтам худ ба худ: «ёрам наомад,*
*Аҷаб не ки ба вай коре баромад».*
*Дилам хун шуд зи раҳпоӣ, азизам,*
*Чаро охир намеоӣ, азизам.*

*Туӣ, ҷоно, умеду орзуям,*
*Биёю як нафас шин рӯ ба рӯям,*
*Ва ё хате фиристон ту ба сӯям,*
*Намо коре, ки дигар ман нагӯям:*
*Дилам хун шуд зи раҳпоӣ, азизам,*
*Чаро охир намеоӣ, азизам.*

Дар ифодаи эҳсосоту ҳолатҳои пурҳайяҷон, дар баробари оҳанги мусиқӣ, унсурҳои дигари баён – зарб, баланду (форте) паст (пиано) будани овоз нақши калонро мебозанд.

Романс яке аз он жанрҳои мусиқавист, ки оҳанги он ба нутқи гуфтугӯии пурэҳсос хеле наздик аст.

*Бо кадом унсурҳои мусиқӣ композитор эҳсосоти худро ифода кардааст?*
*Шеърҳои «Интизорӣ» ва «Лутф фармоӣ»-ро қиёс бикунед ва бигӯед, ки дар онҳо чӣ умумиятро мебинед? Онҳо аз якдигар бо чӣ фарқ мекунанд?*
*Қиёс бикунед, дар ин романсҳо нақши асосиро чӣ мебозад?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Форте** – *«баланд».*
**Пиано** – *«паст».*
**Романс** – *жанри мусиқии камеравӣ.*

## ДАРСИ 12

## ШОҲНОМАХОНӢ ДАР МУСИҚИИ СУННАТИИ ТОҶИК

Яке аз мавзуъҳои муҳимми мусиқии тоҷик бо шоҳасари безаволи Абдулқосим Фирдавсӣ – «Шоҳнома» алоқаманд аст. Ин сабаб дорад. Ҳангоми мурури саҳифаҳои «Шоҳнома» мо доимо мусиқиро мешунавем: саҳнаҳои базму суруд, садои дилрабои созҳои мусиқӣ, сурудҳои лирикӣ, марши ҷанговарон, садои оркестри ҳарбӣ, суруди аллаи модар, суруд-нолаҳои занҳо, суруду рақсҳои мардона, оҳангҳои дилнишин ва ҳоказо. Тавассути ин мо бо ҳаёти давраҳои қадим, шаклҳои гуногуни истифодаи мусиқӣ, бо созҳои мусиқӣ, жанрҳои мусиқӣ шинос мешавем. Аз тарафи дигар, ба матни шеърии асар зарби мусиқавии мутақориб хос аст, ки онро беоҳанг хондан имконнопазир аст.

Достонҳои «Шоҳнома» ҳар яке дорои мазмунест, ки аз ҳаёти мардуми тоҷик гирифта шудааст. Бинобар ин, он новобаста ба давру замон, ин достонҳоро дар суннати мусиқӣ-намоишии шоҳномахонӣ асрҳои аср мехонанд. Дар ин маврид феъли «хондан» маънои суруданро пайдо мекунад. Шоҳномахонӣ як навъ жанри устувори эҷодиёти мардумӣ маҳсуб мешавад.

Дар мусиқии композитории тоҷик асарҳои хеле зиёде аз рӯйи достонҳои «Шоҳнома» эҷод шудаанд: операи «Рустам ва Суҳроб»-и Талаб Сатторов, балети «Зол ва Рудоба»-и Шуҳрат Ашуров, балети «Бежан ва Манижа»-и Саид Ҳамроев, увертюраи симфонии «Базму сурур»-и Хуршед Ниёзӣ, операи «Коваи оҳангар»-и С.Баласанян ва Ш. Бобокалонов, ораторияи эпикии «Достони Рустам»-и Мухтор Ашрафӣ, достони «Нолаи Таҳмина»-и Хайрулло Абдуллоев ва дигарон. Асари «Шоҳнома» имрӯз ҳам илҳомбахши композиторони тоҷик аст. Ин асарҳо гуногунжанр ҳастанд.

*Асарҳои композиторони тоҷикро, ки аз рӯи достонҳои «Шоҳнома» эҷод шудаанд, номбар кунед.*

*Бо кадоми ин асарҳо хуб шинос ҳастед?*

## ДАРСИ 13

## БАРОИ МАН РУБОӢ БИСАРО!

*Сохти суруд ва таронаҳои тоҷикиро бештар чӣ ташкил медиҳад?*

*Дар бораи рубоӣ ё газал чӣ медонед?*

*Он дар мусиқӣ чӣ нақш дорад? Барои намуна чанд мисол оред, ки дар онҳо рубоӣ истифода шуда бошад.*

Жанри суруди тоҷикӣ аз ду шакли эҷод манша мегирад: назм ва мусиқӣ. Аз шаклҳои шеърӣ суруду тарона бештар ба рубоӣ ва ғазал такя мекунанд. Аз ин рӯ, аксарияти суруду таронаҳои тоҷикӣ сохти рубоӣ ва ё ғазалро доранд.

Рубоӣ калимаи арабӣ буда, маънои он «чаҳор» мебошад. Яъне, жанри рубоӣ аз чор мисраъ иборат мешавад. Албатта, рубоӣ аввал дар ада-

биёт шакли худро устувор гардонид. Сонияи, онро ҳамчун матни суруд дар мусиқӣ истифода бурданд. Яке, аз шоироне, ки рубоиро ба мартабаи жанри классикии назм ва ба мусиқӣ наздик кард, шоири дӯстдоштаи мардуми тоҷик Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ мебошад. Бо мусиқӣ сурудани рубоиро таронахонӣ номидаанд. Ин ҳунари тоҷикона ҳанӯз аз давраи қадим машҳур гардида буд. Дар давраи давлатдории Сомониён бисёр анъанаҳои тоҷикон эҳё гардиданд. Рӯдакӣ рубоиро бар оҳангҳои машҳури тоҷикӣ – Ушшоқ, Сегоҳ, Чаҳоргоҳ, Дугоҳ, Баёт ва ғайра месуруд. Дертар, рубоӣ жанри дӯстдоштаи мардуми тоҷик гардид ва дар эҷодиёти Умари Хайём мазмуни фалсафӣ пайдо карда, мақоми худро дар адабиёти классикии тоҷику форс устувор гардонид. Имрӯз ин жанри мусиқии халқӣ, «рубоии мусиқавӣ» – тарона як қисми таркибии Шашмақом – шоҳкории мусиқии тоҷик низ мебошад. Рафта-рафта рубоихонӣ дар мусиқӣ хеле рушд кард. Хусусияти ин суннати сароядагӣ дар он аст, ки ҳамеша ба сифати матн рубоӣ истифода мешавад. Имрӯз рубоӣ ҳам жанри адабӣ асту ҳам жанри мусиқӣ.

Биёед, рубоиеро аввал қироат кунем ва сипас, онро бо оҳанге, ки бароятон маълум аст, иҷро кунем:

*Чархофалако, маро ба чарх овардӣ,*
*Кулобӣ будам, маро ба Балх овардӣ.*
*Кулобӣ будам, оби ширин мехӯрдам,*
*Саргашта, маро ба оби талх овардӣ.*

Акнун биёед, онро дар иҷрои Артисти Халқии СССР Аҳмад Бобоқулов мешунавем.

*Бачаҳо, кадоме аз он ба шумо бештар писанд омад? Чаро?*

Оҳиста-оҳиста жанри мусиқии рубоӣ дар мусиқии мардумӣ ташаккул ёфта, устувор гардид ва сонияи, дар суруду таронаҳои мусиқии касбии суннатӣ, хусусан, Шашмақом ва Фалак мавқеи хосса пайдо намуд.

*Бачаҳо, бинед, ки рубоиро дар Шашмақом бо сози танбӯр месароянд, дар Фалак – бо сози думбра. Фарқи онҳо дар чист?*

Дар асри XX, бо ташаккул ёфтани мусиқии тоҷик, рубоӣ ба асарҳои композиторӣ ворид гардид.

*Рубоӣ чист?*
*Оё метавонед ягон рубоиро сароед?*

## ДАРСИ 14

### ҒАЗАЛСАРОӢ ДАР САНЪАТИ САРОЯНДАГИИ ТОҶИК

*Мафҳуми ғазалро бо як ҷумла шарҳ диҳед: ғазал - ...*

Ғазал жанри шеъриест, ки дар асрҳои XIV – XV ба рушди баланди худ расидааст. Ғазал – зодаи шеъри тоҷикӣ-форсӣ буда, то имрӯз мақоми худро устувор нигоҳ медорад. Бо сабаби он, ки дар фарҳанги тоҷику форс шеъру мусиқӣ бо ҳам тавъаманд, жанри шеърии ғазал омили пайдоиши *жанри мусиқии ғазал* шудааст. Бинобар ин, зери калимаи «ғазал» ҳам жанри шеърӣ ва ҳам жанри мусиқӣ фаҳмида мешавад.

Ҳофизи Шерозӣ дар асри XIV навиштани ғазалро ба авҷи баланд расонидааст ва то ҳол касе ба ин поя ғазал насароидааст:

*Дарахти дӯстӣ бинишон, ки коми дил ба бор орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.*
*Чу меҳмони ҳаробатӣ, ба иззат бош бо риндон,*
*Ки дарди сар кашӣ, ҷоно, гарат мастӣ хумор орад.*
*Шаби суҳбат ғанимат дон, ки баъд аз рӯзгори мо*
*Басе гардиш кунад гардун, басе лайлу наҳор орад.*

Бачагони азиз, шумо аз ин ғазал чиро фаҳмидед?

Ҳамчун жанри мусиқӣ, ғазал дар ҳама гӯшаву канори Тоҷикистон суруда мешавад ва мавқеи устуворро ишғол мекунад. Ғазалсароӣ яке аз суннатҳои асосии санъати сароядагии тоҷик ба шумор меравад.

Дар Шашмақом ғазал дар ҳамаи қисмҳои таркибии он ҷо дорад. Дар фалаки кулобӣ – дар навъи як қатор фалакҳои Равона (Равона, Роғӣ, Паррон ва ғайра) ва дар фалаки помирӣ – дар жанри Фалак-Мадҳия истифода бурда мешавад.

Имрӯзҳо ғазал дар мусиқии композиторӣ ва эстрадии тоҷик низ васеъ истифода мешавад.

## МЕСАРОЕМ

Тарона дар Шашмақом – намояндаи рубоиёти халқист. Дар тарона бештар жанри шеърии рубоӣ ё байт ё шоҳбайте аз ғазал истифода бурда мешавад. Дар таронае аз мақоми Дугоҳ, ба ҳайси матни шеърӣ шоҳбайти Ҳофизи Шерозӣ истифода шудааст. Бо сурудани ин тарона, метавон намунаеро дар услуби Шашмақом аз худ кард.




*Киро дар назми тоҷик «газалсаро» мегӯянд?*

*Ҳофизи Шерозӣ дар газал чӣ нақше дорад?*

*Жанри мусиқии газал чист?*

*Шумо бо газал дар ду жанри мусиқӣ шинос шудед. Ҳар яки он услуби сарояндагии худро дорад. Ба шумо кадом навъи газалсароӣ бештар писанд омад?*

# V. МУСИҚӢ ВА РОМИШГАР

## ДАРСИ 15

### ФАЛАК

Фалаки Даштӣ... Аз қаъри асрҳо он ифодагари иқрору тавба, хушнудиву шукронаи қалби марду зани тоҷик аст. Дар он, дар баробари доду фиғон, ғаму андуҳ, ҳамчунин хурсандиву қаноатмандӣ, шукру тавфиқи тоҷикон таҷассум ёфтааст.

Калимаи *«дашт»* дар ин ибора на ба маънои ҷуғрофӣ, балки ба маънои фалсафии «замин» омадааст. Ва маънои Фалаки Даштӣ, *«суруди заминӣ»*-ест, ки хеле муассир сароида мешавад. Онро дар танҳоӣ ва якка месароянд, чунки он ибодати кас дар назди Худованд аст. Фалаки Даштӣ ҳамеша самимӣ сароида мешавад. Мазмунан он ҳам ғаму андуҳ ва ҳам шодиву сурурро дар бар мегирад. Он ҳамеша ба сӯйи некӣ равона шуда, ҳамеша некиро металабад. Пайдо шудани тобишҳои нав ба нави он ҳамин маъноро дорад. Дар ҳар ҳолат, он як маъноро ифода мекунад. Дар ғаму андуҳи гарон кас аз Худованд ёрӣ металабад. Дар хурсандӣ ҳам шахс ба Худованд ибодат мекунад, шукр мегӯяд. Дар ҳар ду маврид сароидани Фалаки Даштӣ ба кас қувват медиҳад, иродаи касро қавӣ мегардонад. Паҳлуи дигари мазмуни Фалаки Даштӣ он аст, ки табиати зебову дилчаспи кӯҳистони тоҷикро васф мекунад, мепарастад. Муносибати самимиву муқаддаси худро ба табиат иброз менамояд. Имрӯз, дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизамон, Фалаки Даштӣ барои осмони софи беғубор, зиндагии осоишта сароида шуда, шукргузории мардуми тоҷикро таҷассум менамояд. Он шукри ободӣ аст, шукри ватандорӣ, шукри Истиқлол аст.

*Дар иҷрои устод Муҳаммадсафар Муродов Фалаки Даштиро бишнавед ва бигӯед ки онро гурӯҳӣ сароидан имконпазир аст ё на?*

*Акнун, Фалаки Даштиро дар иҷрои фалакхонони машҳур Гулчеҳра Содиқова ва Соҳиба Давлатшоева бишнавед ва бигӯед, ки сурудани онҳо аз Муҳаммадсафар Муродов ягон фарқе дорад? Агар ҳа, тафовут дорад?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Фалаки Даштӣ** – *жанри мусиқии суннатии тоҷик аст, ки якка, озодона, дар регистри боло, бе такнавозӣ иҷро карда мешавад.*

## ДАРСИ 16

## ФАЛАК ВА КОМПОЗИТОР

Яке аз шаклҳои дигари фалак созӣ буда, он низ дар баробари мазмунҳои дигар ифодагари хурсандиву хушнудӣ аз давру замон, аз ободии Ватан мебошад. Композитор Фаттоҳ Одинаев оҳанги суннатии фалакро дар асари симфонии калонҳаҷми худ – Пйесаи консертӣ барои думбра ва оркестри симфонӣ истифода бурдааст. Ин асар унвонашро аз номи оҳанги суннатӣ гирифтааст ва он «*Фалак*» ном дорад. *Консерт* – жанри мусиқии созиест, ки якканавозӣ бо ҳамроҳии оркестри симфонӣ (ва ё оркестри созҳои халқӣ)-ро дар назар дорад. Дар асари хеш Пйесаи консертӣ барои думбра ва оркестри симфонӣ, композитор Фаттоҳ Одинаев на танҳо оҳанги фалакро истифода мебарад. Ӯ хусусияти асосии фалакро, ки дар зарбу ҷараёни банду басти композитсионӣ ва шакли ин асар зоҳир мегардад, хеле хуб ифода кардааст. Оҳанги асосии асари Фаттоҳ Одинаев аз оҳангҳои суннатии тоҷик аст:





Композитор суръату унсурҳои асосии мусиқиро чунон моҳирона истифода бурда аст, ки кас гумон мекунад фалакро доимо бо оркестри симфонӣ менавохтанд. Ин композиторро офаринандаи жанри нав – жанри фалаки симфонӣ гӯем, хато намекунем.

Жанри мусиқии «консерт»-ро аз барномаи саҳнавии консерт бояд фарқ кард.

*Фалаки созиро дар иҷрои най ё ғиҷак ё думбра бишнавед.*

*Акнун асари «Фалак»-и Фаттоҳ Одинаевро бишнавед.*

*Дар «Фалак»-и Фаттоҳ Одинаев чӣ навгониро нисбат ба иҷрои фалак мебинед?*

*Ба андешаи шумо, оҳанги суннатӣ дар асари композитор тобиши навро пайдо кардааст ё на?*

## ДАРСИ 17

### ДАРСИ ҶАМЪБАСТИИ НИМСОЛАИ 1

**Хонандаи азиз!**

Дар дарси мазкур кори эҷодиро ба таври инфиродӣ, дунафарӣ ва гурӯҳӣ муаррифӣ карда метавонед. Масъалаҳо ва саволу супоришҳоеро, ки дар нимсоли гузашта омӯхтед, дар шакли муаррифӣ (презентасия)

омода намоед. Масалан, расмро «нақл кунед» ё «сароед», сурудҳои аз ёд кардаро танҳо ё гурӯҳӣ сароед ва ё ягон лоиҳаи мусиқӣ пешниҳод кунед.

Метавонед корҳои эҷодиро ба таври дилхоҳ (ҷадвал, намоиши расмҳо ва ғайра) барои арзёбии омӯзгор ва ҳамсинфон пешниҳод намоед.





## ДАРСИ 18

# ИФОДАИ ТАБИАТ ДАР МУСИҚӢ

## МЕСАРОЕМ

## ДАР КӮҲУ ДАР ДАШТ

Оҳанги халқӣ, такмили Ф. Одинаев
Шеъри С. Айнӣ




*Дар кӯҳу дар дашт лола расида,*
*Дар боғу дар кишт сабза дамида.*
*Бингар ба ҳар ҷо, ҷуз хотири мо*
*Боди муроди шодӣ вазида.*

*Эй боди хушбӯй, аз вай хабар гӯй!*
*Оё нигорам ояд давида?*
*Аз дидаву дил бе ту чӣ ҳосил?*
*Э қуввати дил, э нури дида?!*

Садриддин Айнӣ, нависанда ва шоири бузурги тоҷик дар рушди адабиёти тоҷик нақши бузург гузоштааст. Ӯ ҳар як падидаи маънавиро дар адабиёти тоҷик ҳамчун инъикоси табиати зебои Тоҷикистон васф мекунад. Ин шеърро Садриддин Айнӣ дар жанри рубоӣ навишта, дар тасвири табиати баҳори Тоҷикистон иборaҳои рангинро тавре истифода бурдааст, ки гӯё сабзаву лолазор дар пеши чашми мост.

Композитори маъруф Фаттоҳ Одинаев дар асоси оҳанги халқӣ онро такмил дода, сурудеро пешниҳод менамояд, ки он хеле дилнишину зебост.

*Мусавварахоро дар жанри манзара [пейзаж] бахшида ба табиати Тоҷикистон тамошо мекунем.*



**«Кӯҳу дара». Н. Белокринитская Манзара**

*Кадоме аз ин ду манзара ба мазмуни Фалаки Даштӣ наздик аст?*

*Кадом манзара ба пйесаи консертии «Фалак»-и Фаттоҳ Одинаев ҳаммаъно аст?*

*Кадом унсурҳо мусиқиро бо санъати тасвирӣ наздик месозад? Оҳангу тасвир, зарбу лаҳн, рангубори манзараҳо, сохтори асари мусиқӣ ва композитсияи онро муқоиса намоед.*



**«Баҳор». Д. Ҷӯраев. Манзара**

### ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

*Аз китоби адабиёт, китобҳои дигар ва ё интернет шеърҳоеро пайдо кунед, ки ҳаммаъноии манзараҳои зикршуда бошанду ба мазмуни Фалаки Даштиву «Фалак»-и композитор Фаттоҳ Одинаев ҳамсадо бошанд.*

*Кадом суруд ба ин манзараҳо ҳаммаъно аст?*

*Ба манзараи«Баҳор»-и рассом Давлат Ҷӯраев нигаред. Агар композитор мебудед, чӣ гуна оҳанг эҷод мекардед?*

### ОЁ МЕДОНЕД?

**Манзара/пейзаж** (аз фаронсавӣ – «кишвар», «маҳал») – *жанри санъати тасвирӣ дар мавзуи тасвири табиат.*

**Тембр** (аз фаронсавӣ – «ранг») – *яке аз хусусиятҳои садои мусиқӣ.*

# ДАРСИ 19

## БИГӮ, ЗЕБОӢ, АЗ КУҶО МЕОЙӢ?



*Қудратулло Ҳикматов*

Об – боигарии табиати Тоҷикистони азиз аст. Оби чашмаҳо… Обаки рӯди шӯх… Оби зулол... Оби дарёчаи кӯҳӣ…

Композитори тоҷик Қудратулло Ҳикматов асари бузургҳаҷми худ – Консерт барои овоз ва оркестри симфониро бо номи «Оби зулоли Тоҷикистон» эҷод кардааст. Дар жанри мусиқии консерт барои овоз ва оркестри симфонӣ, композитор овози инсонро ҳамчун яке аз созҳои мусиқӣ истифода мебарад. Бинобар ин, дар партияи сароянда матни мушаххас нест. Вай бо яке аз ҳарфҳои садонок ба таври вокализ оҳангро месарояд.

Мусаввараҳоеро бо манзараи дарёчаи кӯҳӣ, Баҳри кабуди тоҷик, дарёи Вахш, Сирдарё, шаршараҳои софи кӯҳӣ ҷустуҷӯ карда, тамошо бикунед.



Консерт барои овоз ва оркестри симфонии «Оби зулоли Тоҷикистон»-и Қудратулло Ҳикматовро мешунавем.

*Зери ин мусиқӣ шумо кадом манзараро ба хотир меоваред, нақл бикунед.*
*Чашмаҳои софи зулолро композитор бо кадом унсурҳо ифода кардааст?*
*Кадом шеърҳои шоирони тоҷикро дар васфи об медонед?*
*Сароянда кист: зан ё мард?*
*Шоридани обро композитор бо кадом созҳои мусиқӣ ифода менамояд?*
*Зебоӣ аз куҷо ба мусиқӣ меояд?*

Акнун ба асари «*Барф меборад*»-и композитори рус, Георгий Свиридов рӯ меоварем. Он дар жанри кантата навишта шуда, аз се қисм иборат аст. Қисми аввали он «Барф меборад» ном дорад. Онро мешунавем.

*Бо кадом унсурҳо композитор боридани барфро ифода кардааст?*
*Боридани барф дар асар қатъ мегардад ё не?*
*Дар асар яккахонӣ ё ҳамсароӣ (хор) ҷо дорад?*
*Сарояндагон занҳоянд ё мардҳо?*
*Зарби асар чӣ гуна аст ва он чиро ифода мекунад?*
*Композитор бо кадом сози мусиқӣ боридани барфро ифода кардааст?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Оркестри симфонӣ** – *як гурӯҳи калони навозандагон бо созҳои гуногун мебошад. Ба ин ҳайат дирижёр роҳбарӣ мекунад. Ин оркестр мусиқии симфонӣ иҷро мекунад ва аз он номашро гирифтааст.*

**Кантата** (аз италиявӣ – «сароидан») – *асари вокалӣ-созӣ барои солистон, хор ва оркестр.*

**Хори занона** – *гурӯҳи ҳамсароён иборат аз овозҳои занона.*

## ДАРСИ 20

# УСТОДОНИ ҲУНАРИ МУСИҚӢ

*Дар бораи ибораҳои «Устоди моҳир», «Устоди ҳунар», «Устоди ҳунари мусиқӣ» маълумот доред?*

*Яке аз ибораҳои мазкурро интихоб карда, бо шарики худ онро баррасӣ кунед ва ба аҳли синф хулосаро пешниҳод созед.*

*Матни зеринро хонед ва онро бо андешаҳои худ муқоиса намоед.*

*«Устоди моҳир», «Устоди ҳунар», «Устоди ҳунари мусиқӣ»* – ин суханонро дар ҳаққи касе иброз медоранд, ки ӯ дар ҷодаи ҳунар ба устодӣ расидааст. Ба таври дигар, ӯ ҳунарро ба дараҷаи баланд аз худ кардааст.

Аз таърихи мусиқии тоҷик маълум аст, ки бо чунин унвон – унвони баланди маҳорат Борбадро, ки асосгузори мусиқии касби (профессионали)-и тоҷик ва Шарқ ба шумор меравад, ном мегирифтанд. Маҳз сатҳи баланди устодӣ ба Борбад имкон дод, ки ӯ дар замонаш ба ташаккули ҳунари мусиқӣ ҳамчун касби мустақил мусоидат намояд. Дар заминаи мусиқии суннатии тоҷик, аз ҳамон вақт мутриберо, ки навохтану суруданро медонисту ҳунарашро ба шогирдонаш меомӯзонид, устод мегуфтанд.

Мусиқие, ки Борбад ва ҳамзамононаш меофариданд мусиқии шифоҳӣ буд. То замони мо намунае аз иҷрову эҷоди Борбад нарасидааст. Вале васфи маҳорати баланди иҷрои Борбад дар асарҳои адабӣ-бадеӣ ва таърихӣ, хусусан, дар шоҳасари адабиёти тоҷику форс «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (асри XI), «Қобуснома»-и Кайковус, «Шоҳнома»-и Саолибӣ (асри XI) ва рисолаҳои мусиқӣ (масалан, дар «Рисолаи мусиқӣ»-и Муҳаммад Нишопурӣ (асри XII), рисолаи мусиқии «Дар иншиоби усул ва фурӯи мусиқӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ (асри XIII), «Рисолаи мусиқӣ»-и Дарвеш Алии Чангӣ (асри XVII) ва дигарон омадааст.



*Борбад*
*(асри VI- аввали асри VII)*

Борбад дар мусиқии мардуми тоҷику форс системаи Ҳафтпардаро муайян намуд. Дар замони ӯ, аз рӯйи системаи мазкури мусиқӣ, асарҳои зиёде дар жанри мусиқии хусравониёт офарида мешуд ва онҳоро мувофиқи услуби дарбории хусравонӣ менавохтанду месуруданд. Системаи Борбад бои-

си пайдоиш ва ташаккули мусиқии  касбии дунявӣ дар фарҳанги тоҷику форс гардид. Аз давраи Борбад мусиқии касбии тоҷик тавассути системаҳои муайян зоҳир гардидааст. Бо мурури замон, рушду таъсири система то ба имрӯз дар системаи Шашмақом, дар мусиқии классикии тоҷик ва дар системаи чормуқом – мусиқии касбии кӯҳистони тоҷик – Фалак ба мушоҳида мерасад.

Биёед, акнун «Наврӯзи Сабо»-ро аз Шашмақом якҷоя мешунавем.




*Ибораи «Наврӯзи Сабо»-ро чӣ гуна мефаҳмед?*

*Шумо дар ин мусиқӣ чиро мешунавед? Оё онро ҳар кас навохта метавонад?*

*«Наврӯзи Сабо» аз мусиқии фолклорӣ, масалан, алла, surудҳои тӯёна бо чӣ фарқ мекунад?*

*Кадом созҳо дар Шашмақом истифода мешаванд?*

*Матни Шашмақом чӣ гуна аст?*

Дар давраи Борбад мусиқиро ҳамчун яке аз ҳунарҳои бадеӣ мешумориданд. Мактаби суннатии ҳунарҳои бадеии тоҷик устод-шогирд аст.

Имрӯз яке аз шаҳрҳои бостонии тоҷик – Истаравшанро шаҳри ҳунармандон меноманд. Дар фолклори мусиқӣ суруде ҳаст бо номи «Суруди ҳунармандон». Он аз фолклори мусиқии мардуми ин шаҳр гирифта шудааст. Гоҳо, ин сурудро бо ибораи нақаротии он – «Ялалӣ, бобо, ялла» меноманд. Биёед, бо он шинос мешавем.

## МЕСАРОЕМ

## ЯЛАЛӢ, БОБО, ЯЛЛА

Суруди халқии тоҷикӣ



*Аз косагарон коса*
*Аз кӯзагарон кӯза*
*Косаву кӯза ба дастам*
*Ялалӣ, бобо, ялла*

*Аз сартарош поку*
*Аз бофандаҳо моку*
*Косаву кӯза покуву моку ба дастам,*
*Ялалӣ, бобо, ялла*

*Аз аррафурӯш арра*
*Аз баррафурӯш барра*
*Косаву кӯза покуву мокуву арраву барра ба дастам,*
*Ялалӣ, бобо, ялла*

*Аз боғи гул булбул*
*Аз атторо сунбул*
*Косаву кӯза покуву мокуву арраву барраву булбулу сунбул ба дастам,*
*Ялалӣ, бобо, ялла*

*Аз оҳангарон занҷир*
*Аз боғдорон анҷир*
*Косаву кӯза покуву мокуву арраву барраву булбулу сунбул занҷиру анҷир ба дастам,*
*Ялалӣ, бобо, ялла*

*Э, Косаву кӯза покуву мокуву арраву барраву булбулу сунбулу*
*занҷиру анҷиру ғӯзаю мӯзаю,*
*анору қанору ойинаю шона ба дастам,*
*Ялалӣ, бобо, ялла*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Борбад** – *сароянда, навозанда, мусиқидон, асосгузори мусиқии касбии тоҷик ва Шарқ аст.*

**Шашмақом** – *шоҳкории мусиқии мардуми тоҷик, мусиқии классикии тоҷик маҳсуб мешавад.*

**Фалак** – *мақоми кӯҳистонии тоҷик, мусиқии касбӣ, мусиқии класикии кӯҳистони тоҷик мебошад.*

## ДАРСИ 21

### УСТОДОНИ ҲУНАРИ МУСИҚӢ



*Фридерик Шопен (1810-1849)*

Композитори полякӣ, Фридерик Шопен пианинонавози машҳур буд.

Ӯ асарҳои худро дар жанрҳои мусиқии *валс, мазурка, консерт, баллада, этюд* ва ҳоказо эҷод кардааст. Ӯро «шоири мусиқӣ» меноманд. Шопен тавонистааст бо маҳорати виртуозӣ ва лирикаи волои худ услуби нави пианинонавозиро асос бигузорад.

Сарнавишт ин композиторро аз Ватан берун бурд ва ӯ дар Париж, шаҳри ба ӯ бегона, даргузашт. Вале қалбаш ҳамеша бо мардуми худ – лаҳистониҳо буд. Шопен ватани азизашро бо мусиқии он дар сатҳи санъати классикии ҷаҳонӣ васф кардааст. Мусиқии Фридерик Шопен ба мардуми тамоми ҷаҳон мансуб аст. Ӯ яке аз композитор-классикҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Акнун якчанд асари Шопенро якҷоя мешунавем.

*Чаро Шопенро «шоири мусиқӣ» номидаанд?*
*Кадом хусусияти ҷудогонаи мусиқии Шопенро қайд карда метавонед?*
*Бо мусиқии Шопен чӣ гуна рақсро ба саҳна мегузоштед?*



*Волфганг Амадей Мотсарт (1756 –1791)*

Волфганг Амадей Мотсарт – композитори машҳури австриягии асри XVIII. Дар бораи лаёқати нодири ӯ ривоятҳои сершумор вуҷуд доранд. Дар синни хурдсолӣ ӯ ҳамаро дар ҳайрат гузошт, аз ин рӯ, ӯро вундеркинди ҳақиқӣ мешумориданд. Волфганг Мотсартро ҳокимони замон ба дарбори хеш даъват мекарданду театрҳо ба саҳна. Аз хурдӣ ӯ мусиқиро на танҳо менавохт, балки инчунин эҷод мекард. Шуҳратмандии Мотсарт дар он аст, ки аз мусиқии ӯ равшанӣ метаровад ва роҳи ҳамагонро равшан месозад. Ва ин равшаниро на танҳо миллати худи ӯ, балки тамоми башарият, новобаста аз миллату дин, эҳсос мекунад.

Ӯ дар жанрҳои гуногуни замони худ асарҳо офаридааст. Яке аз жанрҳои маъмули он замон симфония буд. Аз ин рӯ, ӯ 41 симфония эҷод намуда, дар таърихи мусиқии ҷаҳонӣ яке аз се асосгузори Мактаби мусиқии классикии Вена ба шумор меравад. Симфония жанрест ки барои оркестри симфонӣ офарида мешавад. Одатан, симфония аз чаҳор қисм иборат мебошад.

Симфонияи 40-уми Мотсартро мешунавем.

*Мусиқии Мотсарт аз чӣ ҳикоят кард?*
*Хусусияти асосии онро бо чӣ пайвастан мумкин аст?*
*Оҳанги он дилнишин аст ё не?*
*Зебоии он дар чист?*
*Ҳангоми шунидани мусиқии ӯ чиро тасаввур мекунем?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Мазурка** – *рақси миллии полякӣ, жанри мусиқӣ-созӣ аст.*

**Валс** – *рақс, жанри мусиқӣ-созӣ мебошад.*

**Баллада** – *жанри адабӣ, жанри мусиқӣ-созӣ буда, он таассуроти ботинии шоир, мушоҳидаи ҳаёту воқеаҳои табиат ва муҳити иҷтимоиро дар бар мегирад.*

**Симфония** – *асари мусиқӣ барои оркестр, жанри мусиқии оркестрӣ ба ҳисоб меравад.*

# VI. САЁҲАТ БА ТЕАТРИ ОПЕРА ВА БАЛЕТ

## ДАРСИ 22

### ОПЕРА

**Опера** (аз италиявӣ – «меҳнат») – дар Италия, дар охири асри XVI – аввали асри XVII пайдо шуда, дар ибтидо «драма дар мусиқӣ» фаҳмида мешуд. Пайдоиши опера дар Италия бесабаб набуд. Зеро ин кишвар ба номи ватани белканто («сурудани зебо») машҳур аст. Омили асосии пайдоиши опера эҳё намудани драма, фоҷиаи қадими юнонӣ буд, ки дар он хор вазифаи тавзеҳдиҳандаро иҷро мекард.

Опера аз тарафи тамошобинон якбора қабул нашуд. Нахустин спектаклҳои операвӣ тамошобину шунавандагонро дар ҳайрат мемонданд – актёрони театр ба ҷойи сухан гуфтан, суханро месароиданд?!

Вале, новобаста ба душворфаҳмиҳо, опера ҳаёти худро оғоз намуд ва дар муддати кӯтоҳ ҳамчун яке аз жанрҳои бузурги мусиқӣ-театрӣ мавриди писанд қарор гирифт.

Инак, опера жанрест, ки дар худ сюжети адабӣ-бадеиро бо мусиқӣ (созӣ ва овозӣ), намоиши драмавӣ (театрӣ), саҳнавӣ ва тасвирӣ (либосу декоратсия), баъзан – хореография (рақс)-ро ба ҳам мепайвандад.



*Ҳанифа Мавлонова,*
*(1924 – 2010)*



*Аҳмад Бобоқулов*
*(1931 –1990)*

Дар Тоҷикистон опера дар асри XX ҳамчун яке аз шохаҳои санъати миллӣ ташаккул ёфт. Нахустин операи тоҷик соли 1939 эҷод шудааст ва он операи *«Шӯриши Восеъ»*-и Сергей Баласанян мебошад.

Номҳои Ҳоҷӣ Аҳмедов, Мулук Баҳор, Аҳмад Бобоқулов, Ҳанифа Мавлонова, Абдулло Абдурауфов, Лутфӣ Зоҳидова, Бурҳон Маҳмадқулов, Миралӣ Достизода, Сайфулло Юсупов, режиссёрон Шамсӣ Қиёмов, Шамсӣ Низомов, дирижёрон Ибодулло Абдуллоев, Азиз Ниёзмаҳмадов ва дигарон ба туфайли фаъолият дар театри опера маълуму машҳур шудаанд.



**Либретто** (аз италиявӣ – «китобча») – баёни мазмуни мухтасари сюжети опера, оперетта, балет, мюзикл мебошад. Либретторо метавон алоҳида дар шакли китобча чоп ё ба барномаи театрӣ замима кард. Одатан, композиторон дар навиштани либреттои операашон иштирок менамоянд. Либретто дар асоси ягон воқеаи таърихӣ ё асари бадеӣ – қисса, достон, ривоят, афсона, роман, повест ва ҳоказо на-

вишта мешавад. Масалан, операи «Шӯриши Восеъ» дар асоси воқеаи таърихӣ – шӯриши деҳқонони Балҷувон (1885) бо сарварии Восеъ навишта шудааст. Операи дуюми тоҷик – «Коваи оҳангар» – операи афсонавист, зеро ки он сюжети афсонавиро дорост. Сарчашмаи адабии он достонест аз «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ.

Характеристикаи қаҳрамонон-персонажҳои операвӣ тавассути жанрҳои ария (якка), ансамблҳои гуногун, хор нишон дода мешавад. Вале илова бар ин, дар опера суҳбат, саволу ҷавоб ҷой дорад. Ва ҳамаи инҳо саҳнаҳои пайвасткунандаи сюжет буда, одатан, онҳоро бо речитатив месароянд.

**Речитатив** – жанри вокалиест, ки дар опера истифода бурда мешавад. Оҳанги речитатив бештар ба нутқ монанд аст. Дар опера оркестри симфонӣ низ иштирокчии фаъол буда, рафти опера ва эҳсосоти ботинии персонажҳоро ифода менамояд.

Муқаддимаи созии опера увертюра номида мешавад. Онро оркестри симфонӣ иҷро мекунад.

*Аз ин расмҳо қаҳрамонони кадом операҳои тоҷикро мешиносем?*

*Ҷаро композитор операи «Шӯриши Восеъ»-ро навиштааст? Барои ӯ чӣ илҳомбахш буд?*

*Маънои кадом истилоҳоти операвӣ – увертюра, ария, речитатив, хор, ансамблро қаблан медонистед?*

*Бо ҳамсинфонатон ягон саҳнаи операро тасаввур бикунед ва иҷро намоед. Метавонед онро тавассути сурудҳои тоҷикӣ сароед. Муҳим он аст, ки тибқи қонунҳои операвӣ он рӯйи саҳна оварда шавад.*

*Дар сурудани ягон оҳанг ба ҷои матн ҳарфҳои садонокро истифода бубаред.*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Опера** – *жанри мусиқӣ-саҳнавист, ки дар он суханро месароянд.*

**Ария** – *асари вокалии яккахонӣ дар таркиби опера.*

**Хор** – *1) гурӯҳи сарояндагон; 2) ҳамсароӣ.*

**Увертюра** – *муқаддимаи оркестрии асари мусиқӣ-саҳнавӣ (опера, оперетта, балет ва ғайра).*

## ДАРСИ 23

### ОПЕРА-РИВОЯТ «САДКО»



Мазмуни мухтасари операи «Садко».

*Дар тӯю тамошоҳои шаҳри Новгород гуслинавоз Садкоро хуб мешинохтанд. Вале ӯ муштоқи дидани кишварҳои дигар буд.*

*Яке аз рӯзҳо, ӯ бо ҳамин орзуву андеша дар назди кӯли Илмен нишаста буд, ки аз даруни кӯл се қуи сафед баромада, ба се духтари нозанин табдил ёфтанд. Инҳо духтарони шоҳи обӣ буданд. Хоҳари хурдӣ – Волхова Садкоро мешинохт ва сурудҳои ӯро дӯст медошт. Дар бораи орзуи Садко фаҳмида, ба ӯ ваъда дод, ки ёрӣ мерасонад.*

*Бо ёрии Волхова, Садко барои саёҳати дуру дароз киштии калоне сохт. Тайи 12 сол ӯ дар кишварҳои дур ва мулки зериобии подшоҳи баҳрӣ дар сафар буд ва бо душвориҳои зиёде танҳо бо ёрии паҳлавоне ба шаҳри худ баргашта тавонист.*

*Пас аз ин, ӯ орзуи сафари шаҳрҳои дигарро намекунад. Ва зиндагии хуби худро дар шаҳри азизаш мегузаронад. Аз ҳамон вақт Садко мекӯшад дар сурудҳояш бештар шаҳри худро васф намояд.*

Операи «Садко» дӯст доштани ватанро ба кас талқин менамояд.

Бо сабаби он ки Садко сароянда буд, композитор дар опера ба ӯ имко-

ни зиёдеро барои кушодани образ додааст. Дар партияи Садко на танҳо ария, балки суруду ривоят ҳам садо медиҳад. Садко тибқи ривоят, гуслинавоз ва сароянда буд. Гусли сози мусиқии қадимаи русӣ аст, ки торҳои зиёде дорад ва онро ба монанди созҳои тоҷикӣ бо ангуштон менавозанд.



Образи баҳр аз оғоз то ба анҷоми опера, аз мадди назари композитор дур намемонад. Ӯ барои тасвири баҳр рангҳои хосаи оркестри симфониро истифода бурдааст.

Композитор дар ин асар шахсони воқеиро бо оҳангҳои дилнишини сурудӣ инъикос намудааст. Вале барои персонажҳои афсонавӣ мусиқии созиро пешниҳод кардааст.

*Биёед, увертюраи операи «Садко»-и Римский-Корсаковро мешунавем.*
*Увертюраи он чиро тавсиф мекунад?*
*Композитор бо кадом услубу ранги мусиқӣ баҳрро тасвир кардааст?*
*Увертюра дар кадом шакли мусиқӣ навишта шудааст?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Мусиқии созӣ** – *жанри мусиқӣ, навъе аз асарҳои мусиқӣ барои созҳои гуногун, мебошад.*

## ДАРСИ 24

## БАЛЕТ



*Малика Собирова*
*(1942 – 1982)*

**Балет** (аз лотинӣ – «мерақсам»). Дар офаридани спектакли балет раққосон-солистон, кордебалет (саҳнаҳои оммавӣ), оркестри симфонӣ, балетмейстер, режиссёр, дирижёр, рассомони либос, рассомон-ородиҳандагони саҳна ширкат мекунанд. Дар натиҷаи ҳамоиши мусиқӣ, хореография, адабиёт, санъати драмавӣ ва тасвирӣ, намоиши диданбобе шакл мегирад, ки номи он балет аст.

Гарчанде рақс аз қадимулайём ҳамқадами инсон аст, вале балет дар асри XVIII пайдо шудааст. Воқеан, дар амал рақсҳое буданд, ки сюжети ривоятеро таҷассум мекарданд. Ин рақсҳо дар саҳнаҳои халқӣ нишон

дода мешуданд. Дар ин бора, театршиноси машҳури тоҷик, Низом Нурҷонов дар китоби худ «Театри суннатии тоҷик» хеле муфассал овардааст. Чунин рақсҳо бо либосҳои махсус ва нақши муайян дар тӯю тамошоҳои суннатӣ иҷро мешуданд. Ин навъи рақсро, ки ҳаракатҳои мушаххасмаъноро дорад, *пантомима* меноманд.




Балет ба Тоҷикистон дар асри XX ворид гаштааст. Композиторони тоҷик дар ин жанр асарҳои зиёд офаридаанд. Онҳо хеле гуногунмазмунанд: «Ду гул»-и А. Ленский, «Лайлӣ ва Маҷнун»-и С. Баласанян, «Дувалронии соҳибҷамол»-и Фирӯз Баҳор, «Марги судхӯр»-и Толиб Шаҳидӣ, «Зол ва Рудоба»-и Шуҳрат Ашӯров ва ғайра. Балеринаи тоҷик, Артисткаи халқии СССР Малика Собирова бо ҳунари балет мардуми дунёро мафтун кардааст. Ӯ ситораи дурахшони балет дар асри XX ба шумор меравад.

Агар иҷрокунандагони опера доимо сароянд, ширкаткунандагони спектакли балет дар саҳна доимо мерақсанд. Мусиқии балетро (ба мисли опера) оркестри симфонӣ менавозад. Дар рафти спектакли балет (ё опера) ҳайати оркестри симфонӣ бо роҳбарии дирижёри оркестр дар ҷойи махсуси оркестр қарор мегирад. Ин ҷойи махсус дар қисмати пеши саҳна воқеъ аст. Дирижёр рӯ ба саҳна истода, ҳам ба оркестр ва ҳам ба саҳна нигоҳ мекунад ва иҷрои спектаклро роҳбарӣ мекунад.

*Аз балетҳои ёдоваршуда дарк намоед, ки онҳо бар асоси кадом асарҳои адабӣ-бадеӣ офарида шудаанд?*
*Қаҳрамонони балет чӣ гуна дар саҳна мазмунро ифода мекунанд?*
*Мусиқии балетро кадом гурӯҳи навозандагон иҷро менамояд?*
*Он дар куҷо ҷойгир мешавад?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Балет** – *жанри санъати мусиқӣ-саҳнавист, ки дар он мазмуну рафти асар ба воситаи рақс ва мусиқӣ ифода меёбад.*

**Пантомима** – *жанри саҳнавиест, ки дар он маънои асарро бо ҳаракат ифода менамоянд.*

## ДАРСИ 25

### БАЛЕТ-АФСОНАИ «ШЕЛКУНЧИК»


*Пётр Илич Чайковский (1840-1893)*

Балети композитори рус Чайковский дар асоси афсонаи Э. Гофман офарида шудааст. Ин афсонаро кӯдакон тамоми дунё дӯст медоранду медонанд.

Балет он афсонаро боз ҳам машҳуртар гардонид. Арзиши ин балет хеле ва хеле бузург аст. Ин балет дар репертуари тамоми театрҳои дунё ҷо гирифтааст. Сабаб ин дар он аст, ки мусиқии балет хеле олӣ ва серранг баромадааст. Дар Театри академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ спектакл-балети «Шелкунчик» ҳамеша дар репертуар аст. Дар он Малика Собирова ва Музаффар Бурҳонов нақшҳои асосиро хеле моҳирона иҷро кардаанд.

**Мазмуни балет**. *Воқеа дар як шаҳраки хурди Олмон рух медиҳад. Бачаҳо, калонсолон дар атрофи арчаи солинавӣ хурсандӣ мекунанд. Ба духтарак Марӣ лухтакчаеро бо номи Шелкунчик барои шикастани чормағз ҳадя кардаанд. Шабона ҳамаи бозичаҳо зинда мешаванд. Мушҳо бо роҳбарии Шоҳи мушон барои хойидани чормағз меоянд. Шелкунчики далер ба ҳимоя*

*бармехезад. Дар ин муборизаи нобаробар Марӣ ба ёрии Шелкунчик меояд ва бо попӯшии худ Шоҳи мушонро зада, Шелкунчикро наҷот медиҳад. Якбора Шелкунчик ба шоҳзодае табдил меёбад. «Валси барфӣ» Шелкунчик ва Мариро ба мамлакати афсонавӣ меоварад. Дар ин ҷо онҳоро фаришта Драже пешвоз мегирад. Базми идона огоз мегардад. Дар он намояндагони гуногунмиллат рақси миллии худро иҷро менамоянд. Балет бо «Валси гулҳо» – ифодагари баҳору зебоӣ ба анҷом мерасад.*



*Бо порчаҳои балети «Шелкунчик» гӯш бидиҳед. Кадоме аз онҳо ба шумо ошноанд?*

*Характеру оҳанги ду валс – «Валси барфӣ» ва «Валси гулҳо»-ро муқоиса бикунед ва бигӯед, ки онҳо ба якдигар бо чӣ монанданд? Ва фарқи онҳо дар чист?*

*Кадом афсонаи халқи тоҷик дар жанри балет ифоданок мебароянд?*

# VII. МУСИҚӢ ДАР ТЕАТР, КИНО ВА ТЕЛЕВИЗИОН

## ДАРСИ 26

### МУСИҚӢ ДАР НАМОИШ ЧӢ НАҚШ МЕБОЗАД?

Ҳам спектакл ва ҳам кинофилм дар асоси сенарий сохта мешаванд. Сенарий ба *либретто* монанд аст. Ягон спектакли драмавӣ, филми бадеӣ, ҳуҷҷатӣ ва ё тасвирӣ ва инчунин, намоишҳои сершумори телевизионӣ бидуни мусиқӣ таҳия намешавад.

Дар ибтидои пайдоиши санъати кино, замоне, ки нутқу овозро сабт карда наметавонистанд, филмҳои беовоз ҳамеша зери мусиқӣ намоиш дода мешуданд. Мусиқии онро ромишгарон – таперҳо иҷро мекарданд. Иҷрои мусиқӣ ба дарки хубтару беҳтари мазмуни филм мусоидат менамуд.

Барои спектакл низ мусиқӣ навишта мешавад. Масалан, сюитаи «Пер Гюнт» аз тарафи композитори норвежӣ Эдвард Григ барои спектакли ҳамном, драмаи Ибсен навишта шуда аст. Имрӯз мусиқии Григ хеле машҳур аст.

Суруди «Зиндагӣ аз ман рабудӣ» дар иҷрои сарояндаи маҳбуби халқи тоҷик Кароматулло Қурбонов хеле машҳур ва барои ҳар як тоҷик дилнишин аст. Вале на ҳама медонад, ки он қаблан аз тарафи композитор Талаб Satторов барои спектакли драмавии театри Абулқосим Лоҳутӣ навишта шуда буд.

Филмҳои тасвирии дӯстдоштаамон ҳам бар асоси афсонаҳо навишта мешаванд. Масалан, филми тасвирии «Ромишгарон аз Бремен» бар асоси афсонаи Бародарон Гримм таҳия ва сохта шудааст.

Мусиқӣ дар театр, синемо, телевизион вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад: дар яке метавонад нақши асосиро бозад, дар дигаре – танҳо ба ҳайси мушоҳидакунанда истифода шавад, дар мавриди сеюм – ҳолати ботинии қаҳрамононро нишон диҳад, дар мавриди чаҳорум – вазъи баамаломадаи воқеиро тасвир намояд ва ҳоказо.



*Филми тасвирии «Ромишгарон аз Бремен»-ро тамошо карда, онро бо сарчашмаи адабӣ муқоиса намоед.*

*Мусиқии ин филмро композитор Геннадий Гладков офаридааст.*

*Оё ин филмро мусиқавӣ номидан мумкин аст?*

## ДАРСИ 27

## МЮЗИКЛ

Мюзикл – намоишномаи сархушкунандаи театриест, ки дар он жанрҳои гуногуни санъат – мусиқии эстрадӣ ва маишӣ, рақсу ҳаракат, драма ва санъати тасвирӣ ҳамҷоя мешаванд. Мюзикл дар солҳои 60-уми асри XX, дар заминаи фарҳанги амрикоӣ пайдо шудааст. Ба муддати кӯтоҳ нигоҳ накарда, он зуд дар тамоми ҷаҳон густариш ёфт.

Услуби сарояндагӣ дар мюзикл аз тарзи сарояндагии операвӣ ва суннатӣ фарқ мекунад. Дар ин ҷо бештар тобишҳои оҳангии наздик ба нутқ, нидо, фарёдзанӣ ва ғайра истифода мешаванд. Дар мюзикл хор одатан мерақсад. Оркестр ҳам ба рақс, ҳам ба хору солистон ҳамовозӣ карда, дар он зарбу рангҳои ҷаз, рок истифода мешаванд.



Мюзикл – намоиши услуби сабуки театрӣ аст. Дар он ҳама чиз – рақс, суруда, навозиш, либос ва декоратсия, ҳама медурахшад ва ҳамзамон ғайриодӣ аст.

*Дар мюзикл кадом навъҳои санъат истифода мешаванд?*
*Дар ҳайати мюзикл кадом гурӯҳи созӣ ширкат мекунад?*
*Фарқи мюзикл аз опера дар чист?*
*Мюзикл чист?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Мюзикл** – *жанри мусиқӣ-саҳнавӣ, мебошад.*

**Декоратсия** – *ороиши саҳна тибқи мазмуни спектакл ё барномаи дигари саҳнавӣ буда, дар он якчанд хели санъат истифода мешавад.*

**Ҷаз** – *як навъи санъати мусиқии эстрадии муосир аст.*

**Рок** – *номи самтҳои мусиқии муосир аст.*

# VIII. ЧӢ МУСИҚИРО БА САНЪАТИ ТАСВИРӢ МОНАНД МЕКУНАД?

## ДАРСИ 28

### ДИДИ ТАСВИРИИ МУСИҚӢ

Ҳар як асари бадеӣ – чӣ асари мусиқӣ, чӣ асари санъати тасвирӣ ва ё асари адабӣ – ҳама мазмунан аз як сарчашма пайдо мешаванд. Ин сарчашма ҳаёти воқеӣ аст. Асари санъатро он гоҳ фаҳмидан имконпазир мешавад, ки агар ба мазмуни он таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, пай баред, ки дар кадом заминаи воқеӣ пайдо шудааст.

Мусаввараҳои сершумор ромишгаронро тасвир карда, таҷассумкунандаи маҳорати навозандагии ин ё он давр гардидаанд. «Шунидан»-и навозанда он гоҳ муяссар мегардад, ки агар кас ба асарҳои бадеии дигари он замон шинос шавад, суннати навозандагии он замон, услуби навозандагии он марҳаларо дарк намояд. Бо ойину суннатҳои бадеии он замон ошно бошад. Танҳо ба ин васила кас бо муаллифи мусаввараи кадом замоне, ки набошад, «гап зада» метавонад ва моҳияти асари ӯро дуруст дарк мекунад.

Асарҳои адабӣ, маъмулан, барои офаридани асари мусиқӣ сарчашмае махсуб мешаванд. Чунин робитаро байни асари мусиқавиву асари тасвирӣ камтар вомехӯрем. Яке аз намунаҳои нодири ин робита силсилаасари фортепиании композитори рус М. Мусоргский «Мусаввараҳо аз намоишгоҳ» мебошад. Мусаввараҳои дӯсти композитор, рассом В. Гартман омили офаридани ин асар гардидааст. Ҳамзамон, жанрҳои тасвирии маишиву таърихӣ, портрет, манзара (пейзаж), натюрморт ва ҳоказо низ барои композиторон манбаи илҳом ба ҳисоб мераванд.

Вале, коршиносон мегӯянд, ки мусиқии тасвирӣ гуфта, он мусиқиеро меноманд, ки дар он композитор таассуроти худ аз табиатро тавре бо рангҳои зебову фаҳмои мусиқӣ баён мекунад, ки аз дидани он кас табиати зиндаро пеши назар ҷилвагар месозад. Ва баръакс, тасвири мусиқавӣ гуфта, он мусаввараи то дараҷае нозукхаёлона, нозукбинона тасвиршударо мегӯянд, ки бо сухан тавсиф кардани он душвор аст ва танҳо оҳанги дилчаспи мусиқӣ метавонад онро ифода намояд.

Василаҳои ифодаи мусиқӣ ва санъати тасвириро муқоиса намуда, умумият ва тафовути тасвир ё расм, рангу бор ва композитсия ба назар гирифта мешавад.

Дар санъати тасвирӣ ба хату нақши расм аҳамият дода мешавад. Аммо дар тасвири мусиқӣ, рушди оҳанг, зарбу тобишҳову равишҳоиибораҳои оҳангдор дар маркази таваҷҷуҳ қарор мегирад. Вале дар ҳар ду маврид, тасвир ба тамошобин ё шунавандаи мусиқӣ диди муаллифро пешниҳод мекунад – агар нақшҳо бо якдигар бо хатҳо ҳампайвастагӣ дошта бошанд, тасвир ҷаҳони орому мусолиматомезро инъикос менамояд, агар нақшҳои гуногун хилофи якдигар бошанд, ин тасвир ба кас таассуроти изтиробомез ва нигаронкунанда мебахшад. Дар мусиқӣ низ чунин аст.

Дар санъати тасвирӣ ибораи «гаммаи рангҳо» ва дар мусиқӣ, – «гаммаи садоӣ»-ро истифода мебаранд.



Илова бар ин, мафҳумҳои «набзи тасвир» ва «зарби мусиқӣ» – ҳар ду асоси зарбии асарро талқин мекунанд. Тавассути зарби такроршаванда ва ё контраст (зиддият) композитор, рассом ва ё шоиру нависанда тафсилҳо ё ҷузъҳоро ба ҳам пайваста, композитсияи умумии асарро ташаккул медиҳад.

*Мусаввараҳоро аз назар гузаронида, бигӯед ки мусиқиро дида ва ё тасвирро шунида мешавад?*



## ДАРСИ 29

### ИНЪИКОСИ ХОТИРОТИ ТАЪРИХӢ ДАР ОСОРИ ҲУНАРӢ

Воқеаҳои таърихӣ, ки бо номҳои гузаштагони мо дар хотираҳо боқӣ мондаанд, дар асарҳои санъати тасвирӣ таҷассум ёфтаанд. Мусаввараи Рассоми Халқии Тоҷикистон, устоди санъат – Сабзалӣ Шарифов аз сӯйи тамошобине «Ифтихори миллат» номгузорӣ шудааст. Аммо худи муаллиф онро «Аз давра ба давра, аз – дида ба дида» номгузорӣ кардааст. Чунин номгузории тамошобинон аз меҳру муҳаббати халқ нисбат ба ин асар гувоҳӣ медиҳад. Асари мазкур муваффақиятҳои бузурги миллати тоҷикро таҷассум месозад.

Рассоми маҳбуби халқ – Сабзалӣ Шарифов силсилаи «Фариштаҳои заминӣ»-ро бахшида ба ҳаёт, фаъолият ва тарзи зиндагӣ, меҳнати пуршарафи зани тоҷик офаридааст. Яке аз мусавварахои ин силсила «Фариштаҳои каҳкашон» аст.

Рассомону ҳайкалтарошон мекӯшанд, ки симоҳои шахсони бузургро тавассути тасвирҳо ба наслҳои оянда интиқол диҳанд. Аз тарафи дигар, бо ин тасвирҳо хусусиятҳои асосии шахсиятҳои бузургро абадӣ мегардонанд. Тасвири симои шахс дар санъати тасвирӣ *портрет* номида мешавад.



*Сабзалӣ Шарифов. «Аз давра ба давра, аз дида ба дида». 2011*

Дар мусиқӣ ҳам симоҳову корнамоиҳои шахсиятҳои бузург инъикос меёбанд. Композитор С. Баласанян симои қаҳрамони халқи тоҷик Восеъи ҷассурро дар операи «Шӯриши Восеъ» барои наслҳои оянда инъикос намудааст. Композитори рус, Сергей Прокофев (1891-1953), қаҳрамони халқи рус Александр Невский (1220-1263)-ро бо асари кантатаи «Александр Невский» абадӣ гардонидааст. Асарҳои мазкур ҳодисаҳои воқеии таърихиро мунъакис менамоянд. Аз ин бармеояд, ки дар портрети мусиқӣ симои шахсияти таърихӣ тавассути корнамоиҳову саҳми ӯ нишон дода мешавад.

Дар мусиқии композитории тоҷик низ образи Спитамен (Толиб Шаҳидӣ, балети «Спитамен»), образи Темурмалик (Мухтор Ашрафӣ, операи «Темурмалик»), образи Кова (Шариф Бобокалонов, С. Баласанян, операи «Коваи оҳангар»), образи Талбак Лолаев (Қ. Яҳёев, достони симфонии «Ба хотираи Талбак Лолаев») эҷод ва офарида шудаанд.



*Сабзалӣ Шарифов. «Фариштаҳои каҳкашон». 2010*

## ДАРСИ 30

## ТАСВИРИ ОБРАЗҲО ДАР МУСИҚӢ



*Франс Шуберт*
*(1797 - 1828)*

Мусиқии композитори австриёӣ – Франс Шуберт намунаи мусиқии тасвирист. Ин композитор муаллифи беш аз 600 суруд аст. Дар замоне, ки дар Аврупо ба суруд кам аҳамият медоданд, дар ин жанри мусиқӣ Шуберт асарҳои беҳтаринро офарид. Бо таваҷҷуҳи хоси худ нисбат ба жанри суруд, Шуберт дар мусиқии Аврупо муносибатро ба ин жанр дигар кард. Баъд аз ин, бархурд ба суруд низ монанди жанрҳои соната ва симфония тағйир ёфт. Ба гуфтаи ҳамзамонон, *«Шуберт дар мусиқии созӣ метавонист тасвирҳоеро офаринад, ки дигарон дар ин кор ба кумаки шеър эҳтиёҷ доштанд»*.

Яке аз намунаҳои мусиқии маҳину зарифи Шуберт суруди «Форел» [«Зағорамоҳӣ»] мебошад. Ин суруд дар замонаш муваффақияти бузург ба даст овард. Ва композитор аз он илҳом гирифта, квинтети созии онро

эҷод намуд. Онро бо самимият *«Фореллен-квинтет»* меноманд. Тавассути квинтет (скрипка, алт, виолончел, контрабас ва фортепиано) суруди «Форел» ҳаёти дуюми худро пайдо намуд.

*Асарҳои композитор Франс Шуберт, суруди «Форел» ва квинтети фортепиании «Форел-квинтет»-ро шунавед.*

*Ҳардуро муқоиса бикунед. Чӣ умумият ва гуногунрангиро дар байни онҳо мебинед?*

*Дар мисоли «Фореллен-квинтет» каме мулоҳиза бикунед: мусиқӣ дар квинтет чӣ тавр инкишоф меёбад? Кадом созҳо ба навбат якканавозӣ менамоянд? Оҳанги сурудро дар иҷрои ҳар як сози таркибии квинтет мешунавед ё не?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Квинтет** – 1) ансамбли мусиқавӣ иборат аз панҷ навозанда ё сароянда. 2) асари мусиқавӣ барои панҷ иҷрокунанда.

**Суруд** – жанри мусиқии овозист, ки он якка ё гурӯҳӣ иҷро мешавад. Дар он ба ҳайси матн шеърҳои гуногунжанр (ғазал, рӯбоӣ ва ғайра) истифода мешаванд.

## ДАРСИ 31

## ПОРТРЕТ ДАР МУСИҚӢ: СКРИПКА ДИЛНИШИН МЕСАРОЯД

Рассомон, ҳайкалтарошон зуд-зуд дар асарҳои хеш навозандагонро бо созҳои мусиқӣ тасвир мекунанд.

Яке аз созҳое, ки диққати рассомонро ҷалб кардааст, скрипка мебошад. Скрипка сози тории камонӣ мебошад, ки шакли муосири он дар асри XVI пайдо шуда, дар асри XVII васеъ паҳн гардидааст. Аз мусаввараҳо то ба имрӯз ба мо саҳначаҳои тасвиркунандаи навозандаи скрипка дар иҳотаи шунавандагон, натюрморт бо скрипка ва ҳоказо расидаанд.

Садои скрипка хеле рамзист. Одатан, садои ин созро ба овози инсон монанд мекунанд. Скрипка метавонад сарояд, нолад, ҳарф занад, хоҳиш кунад ...

Дар мусиқии тоҷик навъҳои сози камониро камонча, ғиҷак, сато мегӯянд.







*Скрипка* *Сато* *Ғичак*

Сози камонӣ, ки аз қадимулайём тоҷикон онро «камонча» меномиданд, бо навъҳои гуногуни худ мусиқии замонаҳоро таҷассум кардааст. Дар деворнигораҳои қалъаи Ҳулбук духтари камончанавозро мебинем. Ин деворнигора ба асрҳои IX –X мансуб аст ва гувоҳи он аст, ки сози мусиқии камонӣ дар байни мардуми тоҷик хеле густариш ёфта буд. Ин созро на танҳо мардҳо, балки занҳо низ менавохтанд.



*«Духтарони ромишгар». Деворнигорае аз қалъаи шоҳони Хуталон. Ҳулбук (асрҳои IX – X).*

Баъзе аз навозандагони моҳири тоҷик, гарчанде дар равияи суннатӣ фаъолият мекарданд, ба скрипка дил баста, онро дар мусиқии тоҷик истифода мебурданд. Дар ҷодаи мақом Мирзоқурбон Солеҳов (1912–1995) ва дар ҷодаи фалак Достӣ Орзуев (1932–1984), аз зумраи чунин навозандагон буданд. Асареро дар иҷрои Достӣ Орзуев бо номи «Насими кӯҳсор» мешунавем. Ин асари падарро Муҳаммадвалӣ Орзуев дар заминаи тамоюлҳои мусиқии муосир пешниҳод сохтааст. Онро низ якҷоя мешунавем ва ҳардуро қиёс мекунем.

Акнун навозишеро дар иҷрои Мирзоқурбон Солеҳов мешунавем.

Дар баробари ҳунари навозандагӣ, ҳунари созтарошӣ низ рушд мекард. Дар деҳаҳои Тоҷикистон созтарошон зиёданд. Онҳо созҳои мусиқии тоҷикиро метарошанд. Дар Италия скрипкатарошони машҳур, ки имрӯз дар ҷаҳон беҳамто шуморида мешаванд (Амати (1596–1684), Гварнери (1626–1698) ва Страдивари (1644–1737), дар асрҳои XVII–XVIII умр ба сар бурдаанд. Онҳо зодаи шаҳри Кремона мебошанд. Ҳамаи ин се устои машҳури ҷаҳон як сози мусиқӣ скрипка метарошиданд. То имрӯз скрипкаҳои ин устоҳои беназир дар истифодаи скрипканавозони машҳури дунё қарор доранд.

*Кадом хусусиятҳои садойии ғиҷҷакро Достӣ Орзуев истифода мебарад ва кадомеро Муҳаммадвалӣ?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Скрипка** – *сози тории камонӣ мебошад.*

## ДАРСИ 32

## Ӯ БО РӮҲИ ҚАВИИ ХУД БАДИРО МАҒЛУБ МЕГАРДОНИД

Николло Паганини – композитор ва навозандаи моҳири италиявии асри XIX дар тамоми ҷаҳон машҳур аст. Маҳорати навозандагии ӯ чунон ғайримуқаррарӣ буд, ки дар атрофаш наклу ривоятҳои гуногун пайдо шудаанд. Мегуфтанд, ки дар иҷрои пассажҳои мураккаб ба ӯ иблис кумак мерасонад. Пассаж як унсури мураккабест дар санъати иҷро. Аз



*Николло Паганини (1782 –1840)*

ухдаи иҷрои пассажҳои пайиҳам на ҳар навозанда мебарояд. Тасодуфӣ нест, ки яке аз асарҳои ӯ «Нолишҳои иблисӣ» ном гирифтааст.

Боре, дар як консерт торҳои скрипкаи Паганини як-як пайи ҳам мешикананд. Аммо маҳорати бузурги навозандагӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки бо як тор асарро ба охир расонад.

Яке аз асарҳои машҳури Паганини «Каприс №24» мебошад. Оҳанги ин асарро ба нишони эҳтиром чандин композитор дар асарҳои хеш истифода бурдаанд. Рассомону ҳайкалтарошон Паганиниро таҷассум намудаанд. Портрети мусиқавии ӯро С. Рахманинов дар асари «Вариатсияҳо дар мавзуи Паганини» офаридааст. Аз рӯи ин асари Рахманинов дар Театри калони Москва балет ба саҳна гузошта шудааст.

*Порчаеро аз асари «Каприс №24»-и Паганини гӯш бикунед. Ин оҳанг ба шумо маълум аст? Чаро композитор асари худро каприс номидааст?*

*Талқиноти каприсро дар асари Рахманинов бишнавед. Бигӯед, ки кадом хусусиятҳои шоҳкории Паганиниро композитор бештар истифода бурдааст?*

*Талқинот ба портрети Паганини наздик аст?*

**ОЁ МЕДОНЕД?**

**Интерпретатсия** – *тафсири бадеии асари мусиқӣ аз ҷониби навозанда.*

**Виртуоз** – *1) бо сифати хеле баланди техникӣ иҷро кардани асари мусиқӣ. 2) навозандаи боистеъдод, ки маҳорати баландро дар мусиқӣ нишон медиҳад.*

**Пассаж** – *унсури мураккаби иҷро дар мусиқӣ.*

# IX. ОБРАЗҲОИ МУБОРИЗА ВА ЗАФАР ДАР МУСИҚӢ

## ДАРСИ 33

## БЕТХОВЕН – ОФАРАНДАИ ОБРАЗҲОИ ҚАҲРАМОНӢ

*Образҳои қаҳрамониро дар мусиқӣ чӣ гуна ифода мекунанд?*
*Мисол оварда метавонед?*
*Нафареро номбар кунед, ки дар ин ҷода хеле муваффақ аст.*
*Кӣ ва кадом образи қаҳрамониро тавассути мусиқӣ эҷоду васф кардааст?*

Нобиғаҳои Бетховен, Бах, Мотсарт…. Дар мусиқии ҳар як композитор хусусияти волои одаму одамият ҷо дорад, ки онҳоро дар тӯли ҳаёту эҷодиёт аз дигарон фарқ мекунонад.


*Людвиг ван Бетховен (1770 –1827)*

Дар тамоми ҷаҳон Симфонияи №5 Людвиг ван Бетховен машҳур аст. Ин асар ба тақдири Замин, тақдири башарият бахшида шудааст. Композитор дар ин симфония оҳанги махсусро барои ифодаи образи тақдири Замин хеле равшан нишон додааст. Дар солҳои офаридани ин симфония, Бетховен ҳисси шунавоишиашро гум карда буд (қаблан низ ӯ аз чунин бемории то ҷое ранҷ мебурд). Вале композитор рӯҳафтода нашуда, ба эҷоди асарҳои нав идома бахшида, дар он образҳои равшанӣ, хушнудии ҳаёт ва бовар ба амалӣ гардидани ниятҳои некро инъикос мекунад: *«Ман барои чӣ менависам? Барои он ки он чизе, ки дар ботини ман ҳаст, бояд бурун баромада, дастраси ҳамагон гардад»,* – мегуфт ӯ.

Образҳои қаҳрамонии Бетховенро, ки ӯ дар мусиқӣ офаридааст, одатан, ба образҳои қаҳрамонии рассоми машҳури италиявӣ Микеланҷело (1475-1564) қиёс мекунанд.

Бетховен барои навиштани як симфония дастнависҳои зиёдеро аз бар мекард, як садо, садои дигарро иваз мекард. Барои эҷоди Симфонияи №5, ӯ се-чаҳор сол кор кардааст ва билохира, ин шаклу мазмуни симфонияро эҷод кардааст.

*Аз аввали (қисми якум)-и Симфонияи 5-уми Бетховен порчаеро бишнавед. Ба оҳанги асосӣ, ки «тақдири Замин» ном гирифтааст, аҳамият бидиҳед. Қаҳрамони асосии ин симфонияро чӣ гуна тасаввур мекунед? Мазмуни ин мусиқӣ аз чӣ иборат аст?*

*Образҳои қаҳрамоние, ки дар мусаввараҳову ҳайкалҳо таҷассум гардидаанд, бо мусиқии Бетховен муқоиса кунед. Онҳо чӣ умумият доранд?*

*Дар шаҳр (ё ноҳия)-и шумо кадом хотираи қаҳрамонони миллат дар ҳайкалҳо абадӣ гардонида шудаанд?*

## ДАРСИ 34

## КОВАИ ОҲАНГАР – ҚАҲРАМОНИ ОПЕРАИ ТОҶИК

*Маънои операро кӣ шарҳ медиҳад?*

*Аз телевизион ва ё дар театр кадом операҳоро шунидаед ва тамошо кардаед?*

*Коваи оҳангар образи мусбат аст ё манфӣ? Барои чӣ? Онро дар опера чӣ гуна таҷассум мекунанд?*

Достони «Коваи оҳангар» дар байни мардуми тоҷик асрҳои аср вуҷуд дошт. Онро аз насл ба насл ба таври шифоҳӣ нақл мекарданд, то замоне, ки ҳазор сол пеш Ҳаким Абулқосими Фирдавсии бузург онро хаттӣ дар асари безаволу нодири худ «Шоҳнома» инъикос сохт.

Дар асри XX шоири болаёқату ватанпарвари тоҷик – Абулқосим Лоҳутӣ аз рӯи ин достони ҷолиб пйесаеро барои саҳнаи театри драмавӣ офарид. Сипас, бо мақсади офаридани опера, Лоҳутӣ либреттои онро навишт.

Дар пешниҳоди Фирдавсӣ ва Лоҳутӣ образи Кова, гарчанде як хел аст, аммо тавассути жанрҳои гуногун пешниҳод шудааст. Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ онро ба «Достони Заҳҳок» ворид карда, дар жанри *достон андар дар достон* меоварад. Зарурати чунин ҳал кардани масъала дар он аст, ки жанри асари Фирдавсӣ *шоҳнома* аст, яъне достонҳо дар бораи подшоҳон аст.

Шоир Абулқосим Лоҳутӣ пйесаи «Коваи оҳангар»-ро эҷод карда, дар маркази он образи Коваи ҷасурро қарор додааст. Композиторон низ дар

опера талқиноти Лоҳутиро интихоб кардаанд. Онҳо асареро офариданд, ки онро метавон операи қаҳрамонӣ номид. Дар баробари ин, бинобар доштани персонажи афсонавӣ, операи «Коваи оҳангар»-ро ба жанри операи афсонавӣ мансуб медонанд.

Ҳамин тавр, композиторон Сергей Баласанян ва Шариф Бобокалонов операи «Коваи оҳангар»-ро дар ду намоиш ва чаҳор саҳна дар жанри операи қаҳрамонӣ-афсонавӣ эҷод кардаанд.



Онҳо дар ифодаи образҳои халқи тоҷик бо сарварии Коваи ҷасур оҳангҳои хеле зеборо офаридаанд. Пешниҳоди ин образҳо саршор аз оҳангҳои мардуми тоҷик – Шашмақом, Фалак ва халқӣ мебошанд. Масалан, дуэти Нӯшофарин ва Фаррух (аз намоиши 1, манзараи 3 ) дар асоси рубоиёти «О, чархофалак, маро ба чарх овардӣ» сохта шудааст.

## ДУЭТИ НӮШОФАРИН ВА ФАРРУХ

(аз операи «Коваи оҳангар»-и С. Баласанян, Ш. Бобокалонов)

*Moderato dolce*




Образҳои манфӣ, яъне тарафдорони Заҳҳокро, композиторон бо садоҳои «хазанда»-и бесимо инъикос кардаанд. Агар дар образҳои мусбат ҳар як персонаж оҳанги худро дошта бошад, дар образҳои манфӣ онҳо ҳамаро якранг, бо садоҳои берангу хира пешниҳод гардондаанд.

### ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

«Достони Заҳҳок» -ро аз Шоҳнома бихонед.
Операи «Коваи оҳангар» дар кадом жанри операвӣ навишта шудааст?
Чаро жанри ин опера бо ду мафҳум муайян шудааст?
Мафҳуми дуэтро маънидод бикунед.

## ДАРСИ 35

## ТАЛБАК ЛОЛАЕВ – ИФТИХОРИ МАРДУМИ ТОҶИК

Соли 1976 дар ноҳияи Данғара, дар яке аз майдонҳои гандумзор оташ аланга зад. Агар пеши роҳи ин оташро касе намегирифт, оташ тамоми гандумзорро фаро гирифта, мардумро бе гандум мемононд. Ҷавони далер Талбак Лолаев пеши роҳи оташро гирифт. Ӯ куртаи худро аз тан кашида, бо оташ сар ба сар шуд ва онро хомӯш кард. Талбак пеши сӯхтани гандумро гирифт, аммо ба ивази сӯхтани худ. Дар вақти наҷоти гандум

ӯ нафаҳмид, ки нисф зиёди баданаш сӯхтааст. Ҷавони шуҷоатманд нони мардуми маҳалашро бар ивази ҳаёти худ аз сӯхтан худ наҷот дод. Гиряи модаронро ҳадду канор набуд. Сад афсӯс, ки ҷавони ҷасури поквиҷдону шуҷоатманд ин дунёро падруд гуфт.

Ин сюжет ягон тоҷикро бетараф намонд. Шоирон шеър навиштанду композиторон оҳанг. Аз ҷумла, шоири тоҷик Ҳабибулло Файзулло балладае зери унвони «Садди оташ» навишт. Дар ҳамон рӯзҳо (14 октябри соли 1976), ин баллада дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» чоп гардид, ва он ифодаи дилу гиряи мардуми тоҷик буд.

Достони симфонии композитор Қудратулло Яҳёзода «Ба хотираи Талбак Лолаев», яке аз асарҳоест, ки қаҳрамонии ҷавони далерро васф мекунад. Жанри ин достони симфонӣ асари симфонӣ-барномавӣ маҳсуб мешавад, чунки зери он барномаи мушаххас ҷой дорад.

*Манзараи якум.* Гандумзорро оташ фаро гирифт. Вақт кам аст. Оташ метавонад дар чанд дақиқа меҳнати мардумро нобуд созад. Ҷавони ҷасур Талбак Лолаев инро дида, ба хомӯшкунии гандумзор сар мекунад...

*Манзараи дигаре* пеши чашм меояд: субҳи деҳоти кӯҳистон. Осмони софи беғубор. Мардум барои ҷамъ овардани ҳосил ба гандумзор омадаанд... Ин оромиву осоишро алангаи оташ дар як лаҳза нест мекунад.

*Манзараи сеюм.* Ҷавони далеру ҷасур дар замин хобида рӯ ба ин осмони соф нигарон аст. Тифлашро ба ёд меоварад, вале мефаҳмад, ки дигар ӯро намебинад. Оҳ, чӣ қадар орзую умед дошт ин ҷавон... Дар лаҳзаҳои охирини ҳаёт ба писараш умри дароз орзу мекунад: « ..он дараве, ки ман накардам, писарам, ту мекунӣ..». Бори охирин ба осмон назар афканда, ӯ чашмонашро мепӯшад.



*Қудратулло Яҳёев*

## МЕХОНЕМ

## САДДИ ОТАШ

Шеъри Ҳабибулло Файзулло

*Чу баҳр мавҷ мезанад*
*Тамоми ғаллазори ман,*
*Зи баҳри Нор то ба Панҷ*
*Замини киштукори ман.*
*Ба ҳар хаму, фароз гар*
*Ту навбаҳор бингарӣ*
*Расида тор чукриҳо*
*Чу кокулони дилбаре.*
*Ба пушта буттаҳои хор*
*Лимуқабо ба бар кунанд,*
*Ба дашт ғӯйӣ қорчҳо*
*Навин кулаҳ ба сар кунанд.*
*Чу осмони бегубор*
*Гули загири даштҳо.*
*Кашида нақш навбаҳор*
*Барои сайру гаштҳо.*
*Нигоҳ завқ мебарад*
*Зи мавҷҳои ғаллазор,*
*Биё, ба сайри Дангара,*
*Ба даштҳои беканор.*
*Биё ту, думбулоб хӯр*
*Зи хӯшаҳои думбулаш*
*Биё ту, шаккароб хӯр*
*Зи баргҳои сунбулаш.*
*Замини ғаллазори ман –*
*Шукӯҳу ифтихори ман.*
*Ду фасли сол ранҷи ман,*
*Хазону навбаҳори ман.*
*Базеб хӯшаҳои ту*
*Ба саҷда бурда сар фуруд.*
*Ба деҳқону бар замин,*
*Диҳанд ғӯиё дуруд.*
*Таронаҳои "Майдаё"*
*Шабон ба ёдам оварам,*
*Ту ғӯйӣ бо даравгарон*
*Даравкунон ғарав барам.*
*Садои досҳо ба ғӯш*
*Расад чу савти дилнавоз,*
*Ваногу чош бачагӣ*
*Ба ёд оваранд боз.*
*Кунун ки ман калон шудам,*
*Ба мошинам, даравгарам.*
*Зи сад нафар даравгарон*
*Ғарав ба як нафар барам.*
*Ба ғаллазор субҳу шом*
*Зи ранҷ ганҷ мекашам,*
*Хати дарав чу оби Вахш*
*Ба сӯйи Панҷ мекашам.*
*Дар ин замони гиру дор*
*Зи ким-куҷо яке шарор*
*Фитодаву ба як нафас*
*Шарар гирифт ғаллазор.*
*Яке ҷавони паҳлавон*
*Ту ғӯйӣ байни корзор.*
*Намуда синаро сипар,*
*Ба ҷанги аждаҳои нор.*
*Алав чу сели навбаҳор*
*Равон шудӣ, чунон шудӣ,*
*Чу чодаре сиёҳ дуд*
*Ба рӯйи Каҳкашон шудӣ.*
*Дар ин набарди тан ба тан*
*Расид ёди он ҷавон*
*Олегу Исмати Шариф,*
*Сафар ва Тӯйчӣ-қаҳрамон.*
*Ба ғаллазорҳои дур*
*Бародарони ҳамдиёр*
*Бидода доди душманон*
*Ғаҳи шадид корзор.*

*Чу умри навҷавониро*
*Дарег мо надоштем,*
*Ба сели мавҷҳои нор*
*Зи тан садде гузоштем.*
*Алав ба сони аждаҳо*
*Ҳамехазид бар танаш,*
*Набуд касе мададрасон*
*Ба вақти ҷон супурданаш.*
*Бар осмон назар намуд*
*Кашида оҳу уфтод,*
*Видоъ, – бигуфт модаро!*
*Видоъ, бародар, умрбод!*
*Видоъ, арӯси нозанин,*
*Хумори ношикастаам!*
*Видоъ, ки аз баҳори умр*
*Дуто гулат набастаам!*

*Видоъ, ки тифли ман, ҳанӯз*
*Ту роҳрав нагаштаӣ!*
*Ба достони умри ман*
*Ту банди нонавиштаӣ!*
*Видоъ, рафиқу дӯстон,*
*Тамоми ақрабои ман!*
*Видоъ, замини ғаллазор,*
*Диёри дилрабои ман!*
*Ба ҳифзи ганҷи халқи худ,*
*Ки ҷон фидо намудаам,*
*Чу фотеҳи набард қарз*
*Ба ҷон адо намудаам.*
*Миёни ғаллазорҳо*
*Ваноги нотамоми ман*
*Гузор, тифли кӯчакам*
*Дарав кунад давоми ман...*

Образи ин муборизи халқ ҳамеша дар хотираи мардум мемонад. Агар дар замири Талбак Лолаев покизагӣ, ватандӯстӣ ва поквиҷдонӣ намебуд, ӯ наметавонист чунин қаҳрамонӣ нишон диҳад. Маҳз чунин корнамоиҳо дар таърихи халқи тоҷик композиторону шоиронро водор ба эҷод мекунанд. Барои дар хотираҳо боқӣ мондани ин қаҳрамонӣ, шоир баллада навишт, композитор – симфония... Чунин асарҳоро шунида, кас қаҳрамониву шуҷоатмандии Талбак Лолаевро хубтар дарк мекунад. Маҳз чунин шахсиятҳо Ватанро ҳифзу мардумро осоишта нигоҳ медоранд. Онҳо сазовори васф ҳастанд.

Композитор достони симфонии худро хеле манзаравӣ эҷод кардааст. Оташ гирифтани гандумзорро тавассути мусиқии Қ. Яҳёзода «дидан» мумкин аст. Як қисми таркибии ин асарро манзараи «Оташи бераҳм» номидан мумкин аст.

Дар ин асар оҳанги хоссае ҷой дорад, ки оташро ифода мекунад. Дар мусиқӣ чунин оҳангро лейтмотив меноманд. Лейтмотиви оташ дар достони симфонӣ хеле воқеӣ баромадааст:



Лейтмотиви оҳанги машҳури «Чархофалак»-ро ишқу муҳаббати ҷавонмард ташкил медиҳад:



## МЕСАРОЕМ

## САҲАРГОҲОН

Оҳанги Хайрулло Абдуллоев
Шеъри Садриддин Айнӣ

*Allegretto*



*Саҳаргоҳон, ки булбул дар наво шуд,*
*Гул аз шодӣ шукуфту ғунча во шуд.*

*Шумо, эй булбулони боғи мактаб,*
*Саҳаргоҳон набояд хуфт ҳар шаб.*

*Шумо ҳам дар наво оед бояд,*
*Ки то аз боғи маънӣ гул кушояд.*

*Саҳаргоҳон гулистони дабистон*
*Тароватбахш бошад чун гулистон.*

*Чаро аз ин гулистон гул начинед?*
*Чаро дар кунҷи бекорӣ нишинед?*

*Биёед, эй рафиқон, дарс хонем.*
*Ба бекорию нодонӣ намонем.*

*Ба олам ҳар касе бекор гардад,*
*Ба чашми аҳли олам хор гардад.*

Шеъри нависанда ва шоири маҳбуби тоҷик Садриддин Айнӣ «Саҳаргоҳон» – муроҷиатест ба хонандагон. Гарчанде шеър ҳанӯз солҳои 50-уми асри гузашта навишта шуда бошад ҳам, он хеле мубрам садо медиҳад. Гӯё, ки он имрӯз навишта шудааст. Чунки Тоҷикистони соҳибистиқлол ба мактаббачагони китобхону доно ниёз дорад. Шеъри  мазкур ҳамчун шиор садо медиҳад.



*Садриддин Айнӣ*
*(1878–1954)*



*Хайрулло Абдуллоев*
*(1930–2008)*

Композитори маъруф Хайрулло Абдуллоев ба ин шеър оҳанги хеле зебову дилчаспи тоҷикӣ сохтааст. Аз ин рӯ, ин сурудро кас бо шавқи хоса ва осонӣ азхуд мекунад.

**ВАЗИФАИ ХОНАГӢ**

Баллада чист?
Симфония барои кадом гурӯҳи навозандагон навишта мешавад?
Жанри «симфонияи барномавӣ» чӣ хусусият дорад?
Суруди «Саҳаргоҳон»-ро аз ёд бикунед.

## ДАРСИ 36

# ДАРСИ ҶАМЪБАСТИИ НИМСОЛАИ II

**Хонандаи азиз!**

Дар дарси мазкур кори эҷодиро ба таври инфиродӣ, дунафарӣ ва гурӯҳӣ муаррифӣ карда метавонед. Масъала ва саволу супоришҳои дар нимсола омӯхтаатонро дар шакли муаррифӣ (презентасия) омода кунед. Масалан, расмро «нақл кунед» ё «сароед», сурудҳои аз ёд кардаро танҳо ё гурӯҳӣ сароед ва ё ягон лоиҳаи мусиқӣ пешниҳод кунед.

Метавонед корҳои эҷодиро ба таври дилхоҳ (ҷадвал, намоиши расмҳо ва ғайра) барои арзёбии омӯзгор ва ҳамсинфон пешниҳод созед.



# ЗЕБО ДУШАНБЕ!

Оҳанги Х. Абдуллоев
Шеъри М. Ҳайдаршо

*Moderato*




Зе - бо Ду - шан - бе,
эй қал - би киш -
вар!
Эй меҳ - ри киш - вар,
бар - но Ду - шан - бе!
Зе - бо Ду - шан
бе
бар - но Ду - шан -
бе!

# МЕҲАНИ ДИЛ

Оҳанги Б. Давлатов
Шеъри Р. Назрӣ

*Allegretto*




Дух.
Пис
Эй То - ҷи кис - то - ни ди - лам,
У - ме - ду ар-
мо - ни ди - лам.
Эй зод - го -
ҳи оф - тоб,
Гар - ду - ни гар - до - ни ди-
лам.
Эй зод - го - ҳи оф - тоб,
Эй зод - го - ҳи оф - тоб,


Дух.
лам. Эй зод - го - ҳи оф - тоб,
Пис
Эй зод - го - ҳи оф - тоб,
Дух.
Гар - ду - ни гар - до - ни ди - лам.
Пис
Гар - ду - ни гар - до - ни ди - лам.
Дух.
Пис
Эй сар - за - ми - ни мех - ри ман,


Дух.
Пис
Дар си - на - ам дил ме - за - нӣ.
Дух.
Пис
Дар чашм о - би чаш - ма - ат, Ги - рам ба со -
Дух.
Эй ло - ла - зо - ри о - за -
Пис
пи рӯ - ша - нӣ. Эй ло - ла - зо - ри о - за -




## ШОҲДУХТАР

Такмили Ф. Одинаев

Шеър ва оҳанги халқӣ




дух - тар, шо - хи дух - та - рон, Аб - ру - кат ба ман
бин - му ша - вум бар ту ғу - лом. Аб - ру - кат ба ман
бин - му ша - вум бар ту ғу - лом. Аб - ру - кам чй ме -
mf
би - ний, ё - ри бад - гу - мон! Аб - ру - кам чй ме -
би - ний, ё - ри бад - гу - мон! Дар бо - зор ус - ма




## ДАР КӮҲУ ДАР ДАШТ

Такмили Ф. Одинаев
Шеъри С. Айнӣ, оҳанги халқӣ




ло - ла ра - си - да, Дар кӯ - ҳу дар
дашт ло - ла ра - си - да,
Дар бо - ғу дар кишт саб - за да - ми -
да. Дар бо - ғу дар кишт


саб - за да - ми - да.
Бин - гар ба хар чо,
чуз хо - ти - ри
мо,
Бин - гар ба хар чо,
чуз хо - ти - ри мо,
Бо - ди му - ро -


ди шо - дй ва - зи - да.
Барои такрор
Бо - ди му - ро - ди шо - дй ва - зи -
Барои хотима
rit.
да. Эй ну - ри ди - да.
Бин - гар ба хар чо, чуз хо - ти - ри
p
мо, Бин - гар ба хар чо,


чуз хо - ти - ри мо, Бо - ди му - ро -
ди шо - дй ва - зи - да.
Барои такрор
Бо - ди му - ро - ди шо - дй ва - зи -
Барои хотима
rit.
да. Эй ну - ри ди - да.

# САҲАРГОҲОН

Оҳанги Х. Абдуллоев
Шеъри С. Айнӣ




ғун - ча во шуд. Шу - мо, эй
бул - бу - ло - ни бо - ғи мак - таб,
con 8vb
Шу-мо ҳам дар на - во о -
(8)
ед бо - яд, ки то аз
(8)




## ДУШАНБЕ

Оҳанги С. Билолов
Шеъри Б. Собир




mf
Ту-ро ман ме - па-рас-там, сач - да-сач - да,
Чу ҳам-тан ме - па-рас-там, сач - да-сач - да. Чу ме-
ҳан ме - па-рас-там, сач - да сач - да, А-ло шаҳ - ри ҷа-во-
нӣ шаҳ-ри ҷо - нӣ. А-ло шаҳ-ри ҷа-во - нӣ.


Ту ҳам си-ни ма-нӣ до-хун - да бун - ёд,
ҳан ме - па-рас-там, саҷ - да саҷ - да, А-ло шаҳ - ри ҷа-во-
нӣ шаҳ-ри ҷо - нӣ. А-ло шаҳ-ри ҷа-во - нӣ.
ҷин-си ма-нӣ до- хун - да-ав - лод, А-ло шаҳ - ри ҷа-во-


нӣ шаҳ-ри ҷо - нӣ. А ло шаҳ-ри ҷа-во - нӣ. Би-мон
аз Ваҳ-дат о - бо - дат бу-би-нам, Са-ро-и Ваҳ-дат о -
бо - дат бу-би - нам. Ба-ро-дар - вор ҳам- зо - тат бу-би нам, А-ло
шаҳ - ри ҷа-во - нӣ шаҳ-ри ҷо - нӣ. нӣ. Би-мон
f
mf
cresc.


аз Ваҳ - дат о - бо - дат бу-би - нам, Са-ро - и Ваҳ-дат о -
бо - дат бу-би - нам. Ба-ро - дар - вор ҳам зо - тат бу-би-
нам, А-ло шаҳ - ри ҷа-во - нӣ шаҳ-ри ҷо - нӣ. Ба-ро-
нӣ.
5
1.
2.
f
f




Нақарот:

*Ту ҳамсини мани дохундабунёд,*
*Ту ҳамсони мани дохундаобод.*
*Ту ҳамҷинси мани дохундаавлод,*
*Ало шаҳри ҷавонӣ, шаҳри ҷонӣ.*

*Бимон аз Ваҳдатободат бубинам,*
*Сарои Ваҳдатободат бубинам.*
*Бародарвор ҳамзотат бубинам,*
*Ало шаҳри ҷавонӣ, шаҳри ҷонӣ.*

*II*

*Чанористонат аз ман руста-руста,*
*Чанористонат аз ман раста-раста.*
*Чанористонат аз ман ҷаста-ҷаста,*
*Ало шаҳри ҷавонӣ, шаҳри ҷонӣ.*

*Ҳакими панҷрӯдии ту биност,*
*Самарқанду Бухорои ту ин ҷост.*
*Ки “Девори Бухоро”-и ту барпост,*
*Ало шаҳри ҷавонӣ, шаҳри ҷонӣ.*

Нақарот:

## ФАЛАКИ РАВОНА

Оҳанги С. Каримзода
Рубоиёти Умари Хайём




рад.
Фалакхони 2.
Э, умр - ас - ту бад - он сон гу - за - ро - ний, гу - за -
рад.
Якчоя
Э, умр - ас - ту бад - он сон гу - за - ро - ний, гу - за - рад.
рад. ҳай
Фалакхони 1.
Э, мақ - суд зи ҷум - ла о -
фа - ри - ниш мо - ем,


Фалакхони 2.
Э, дар чаш - ми хи - рад чав - ха -
ри би - ниш мо - ем.
Фалакхони 1.
э, чун ан - гуш - та - рест, э
Фалакхони 2.
Э, бе хеч ша - ке нақ - ши ни - ги - наш мо
ем.
Якчоя
Э, бе хеч ша - ке нақ - ши ни - ги - наш мо -
ем. ҳай

# ТОҶИКИСТОН

Оҳанги С. Билолов
Шеъри Б. Собир




mf
То-ҷи-кис-тон, То-ҷи-кис-тон, ҳар ку-ҷое раф-там аз о - ғу-ши ту,
mp
marcato
tr
До-ма-нам-ро ман та-ки-дам раҳ ба раҳ дар ҳар қа-дам.
По-йи худ-ро раҳ ба раҳ аф шон-да раф- там
бар за-ми - нат, Аз за-ми-ни кам-за-ми-нат гар-ди хо -
1.


2.
кам на-кар-дам.
Гар-ди хо-ке кам на-кар дам.
f
То-ҷи-кис- тон, То-ҷи-кис -тон ме-ку-нам шук-ри ка-му бис
f
-ё-ри ту, Ме-ку-нам шук-ро-на аз о - зар-му аз о-
-зо-ри ту. Аз ту-ман сар - ват на-ме-хо - ҳам Ва-тан ҳас-


тӣ Ватан ҳас - тӣ бас аст,
Бо ха-су хо - рат ба-ро-бар
зин-да-гӣ кар - дан бас аст.
Бо ха-су хо - рат ба ро бар зин - да гӣ кар
- дан басаст.
sf

# МУНДАРИҶА

## I. СУРУД ТАҶАССУМИ МИЛЛАТ ВА ФАРҲАНГ

**Дарси якум:** Суруди миллӣ – садои дили мардуми тоҷик ................................ 3
**Дарси дуюм:** Суруди миллӣ – садои дили мардуми тоҷик ................................ 7

## II. МУСИҚӢ ВА АДАБИЁТ

**Дарси сеюм:** Алоқаи мусиқӣ бо адабиёт ........................................................ 9
**Дарси чорум:** Тоҷикистон, аз ту беҳтар нест макone! ................................. 11
**Дарсҳои панҷум – шашум:** Тоҷикистонро бо суруд васф менамоям! .................. 14
**Дарси ҳафтум:** Мусаввараҳои гӯяндаву сароянда .......................................... 19

## III. ФОЛКЛОР ДАР МУСИҚИИ КОМПОЗИТОРОНИ ТОҶИК

**Дарси ҳаштум:** Мусиқӣ ва афсона ........................................................... 22
**Дарси нӯҳум:** Ҳазору як шаб бо афсона ....................................................... 24

## IV. ЖАНРҲОИ МУСИҚИИ СОЗӢ ВА ОВОЗӢ

**Дарси даҳум:** Оҳанги дилнишин ҳам ғам ва ҳам шодиро мебарорад ................ 27
**Дарси ёздаҳум:** Оҳанги дилнишин ........................................................................ 29
**Дарси дувоздаҳум:** Шоҳномахонӣ дар мусиқии суннатии тоҷик ...................... 31
**Дарси сенздаҳум:** Барои ман рубоӣ бисаро! ................................................. 32
**Дарси чордаҳум:** Ғазалсароӣ дар санъати сарояндагии тоҷик ..................... 34

## V. МУСИҚӢ ВА РОМИШГАР

**Дарси понздаҳум:** Фалак ..................................................................................... 36
**Дарси шонздаҳум:** Фалак ва композитор ........................................................ 37
**Дарси ҳабдаҳум:** Дарси ҷамъбастии нимсолаи 1 ............................................. 38
**Дарси ҳаждаҳум:** Ифодаи табиат дар мусиқӣ ..................................................... 40
**Дарси нуздаҳум:** Бигӯ, зебоӣ, аз куҷо меоӣ? ........................................................ 43
**Дарси бистум:** Устодони ҳунари мусиқӣ ............................................................ 45
**Дарси бисту якум:** Устодони ҳунари мусиқӣ ...................................................... 49

## VI. САЁҲАТ БА ТЕАТРИ ОПЕРА ВА БАЛЕТ

**Дарси бисту дуюм:** Опера ........................................................................................ 51
**Дарси бисту сеюм:** Опера-ривоят «Садко» ........................................................ 54
**Дарси бисту чорум:** Балет ....................................................................................... 56
**Дарси бисту панҷум:** Балет-афсонаи «Шелкунчик» ........................................ 58

## VII. МУСИҚӢ ДАР ТЕАТР, КИНО ВА ТЕЛЕВИЗИОН

**Дарси бисту шашум:** Мусиқӣ дар намоиш чӣ нақш мебозад? .......................... 60
**Дарси бисту ҳафтум:** Мюзикл ............................................................................ 61

## VIII. ЧӢ МУСИҚИРО БО САНЪАТИ ТАСВИРӢ МОНАНД МЕКУНАД?

**Дарси бисту ҳаштум:** Диди тасвирии мусиқӣ ................................................. 63
**Дарси бисту нӯҳум:** Ба хотираи сабақҳои таърихӣ ........................................... 65
**Дарси сиюм:** Тасвири образҳо дар мусиқӣ ..................................................... 67
**Дарси сию якум:** Портрет дар мусиқӣ: скрипка дилнишин месарояд ....................... 68
**Дарси сию дуюм:** Ӯ бо рӯҳи қавии худ бадиро мағлуб мегардонид ...................... 70

## IX. ОБРАЗҲОИ МУБОРИЗА ВА ЗАФАР ДАР МУСИҚӢ

**Дарси сию сеюм:** Бетховен – офарандаи образҳои қаҳрамонӣ ....................... 72
**Дарси сию чорум:** «Коваи оҳангар» – қаҳрамони операи тоҷик ...................... 73
**Дарси сию панҷум:** Талбак Лолаев – ифтихори мардуми тоҷик ........................ 75
**Дарси сию шашум:** Дарси ҷамъбастии нимсолаи II .......................................... 81

## ЗАМИМА

Зебо Душанбе! ........................................................................................... 82
Меҳани дил .................................................................................................. 84
Шоҳдухтар .................................................................................................. 88
Дар кӯҳу дар дашт ........................................................................................ 90
Саҳаргоҳон .................................................................................................. 95
Душанбе ...................................................................................................... 97
Фалаки Равона ............................................................................................. 103
Тоҷикистон ................................................................................................. 106

АЗИЗӢ ФАРОҒАТ, ХУДОЙБЕРДИЕВ СУЛТОНАЛӢ,
АЛИЕВ АСРОР, САТТОРОВ САФАРАЛӢ

# СУРУД ВА МУСИҚӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Х. Сангов |
| Мусаҳҳеҳ | Н. Қувватбекова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Назаров |
| Тарроҳ | М. Ҷунайдзода |

Ба чоп 04.07.2022 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 70x90 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 7.0.
Адади нашр 150 000 нусха.
Супориши № 011/2022

Нарх 18 сомонӣ 57 дирам

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66, E-mail: nashriya@maorif.tj

Дар матбааи ҶСП “Нашриёти муосир” чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Зарнисор, 3.
Тел: +992 (44) 600 35 58 E-mail: info@nmuosir.tj